шаҳрвандон торафт авҷ гирифт. Ин амалан оғоз ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд. Амалиёти ҳарбӣ натанҳо дар пойтахти ҷумҳурӣ, балки инчунин дар вилояти Қӯрғонтеппа (июни с. 1992) ва водии Ҳисор ба задухӯрди ду қувваи бо ҳам муқобил рӯз аз рӯз авҷ мегирифт.

Ҳамин тавр, муқобилистии думоҳаи майдонҳои Шаҳидон ва Озодӣ ба ҷанги ошкорои бародаркушӣ табдил ёфт. Мутаассифона, роҳи осоиштаи ҳалли муаммоҳо қатъ гардид ва бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Иғвоҳои сиёсӣ ба он оварда расонданд, ки дар байни шаҳрвандон задухӯрд ба амал омада, одамони бегуноҳ кушта шуданд. Ҳазорон шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҷои истиқомати худро тарк намуда, ба давлатҳои Афғонистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Россия ва дигар кишварҳои хориҷӣ фирор карданд. Кас бовар намекунад, ки халқи тоҷики дорои фарҳанги бойи қадимадошта ба худкушӣ роҳ дода бошад. Ҷанг ба ҷомеа аз ҷиҳати маънавӣ ва моддӣ зарари калон расонда, талафоти хеле калони инсониро ба вуҷуд овард.

Фронти халқии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо сарбозони Вазорати умури дохилӣ ва Комитети амният 10 декабри соли 1992 пойтахти ҷумҳурӣ-шаҳри Душанберо зери назорат гирифтанд. Хусусан, баъд аз иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Хуҷанд шуда гузашт, ҷумҳурӣ роҳи ҳаёти осоиштаро пеш гирифт.

Ҷумҳурии азизи мо, Тоҷикистон, бо гуноҳи ҳизбҳо ва гурӯҳҳои ҷамъиятию сиёсӣ ба вартаи ҷанг гирифтор гардид. Шахсоне, ки ҳокимиятро бо роҳи ғайридемократӣ, зӯрӣ соҳиб шудан мехостанд, дар натиҷаи амалиёти нопоки худ сабабгори кушокушиҳои бераҳмонаи намояндагони халқи хеш, падарону модарон, бародарону хоҳарон, тифлон гардиданд. «Акнун сарвари сиёсии кордон ва корозмудае лозим буд, ки – қайд шудааст дар китоби «Бунёди давлатдории навин» - барои барқарор кардани сохти конститутсионӣ роҳбарии ин муборизаро ба ӯҳда гирад. Чунин сарвар, ки вазъи сиёсӣ ва низомиро бояд идора карда, масъулияти таърихиро ба ӯҳда мегирифт, ба таври демократӣ ва қонунӣ дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд интихоб гардид ва барои аз бӯҳрони амиқи сиёсию низомӣ баровардани Тоҷикистон ва рафъи хатари аз байн рафтани давлати миллии тоҷикон нақши бузурги таърихӣ бозид».

## 2. БА ИТМОМ РАСИДАНИ ҶАНГ

Охирҳои моҳи октябри соли 1992 Ҷабҳаи халқӣ дар муҳорибаҳо ғолиб омада, тавонист ташаббуси стратегии ҳарбиро ба даст гирад. 4 ноябри соли 1992 роҳи оҳан, ки ба воситаи он Душанбе ва умуман Тоҷикистони марказӣ-ҷанубӣ аз дигар ҷумҳуриҳо ва ноҳияҳои шимолии мамлакат моводи хӯрокаро мегирифт, тарконда шуд. Ба ҷумҳурӣ, хусусан ба пойтахти он, торафт бесарусомонии иқтисодӣ ва гуруснагӣ таҳдид мекард. Дар чунин вазъият ҳукумати оппозитсионӣ таҳти сарварии А.Искандаров ба ҷустуҷӯи роҳҳои гуфтушунид, барои хотима додани ҷанг шурӯъ кард. Бояд гуфт, ки мамлакатҳои ҷаҳон, хусусан ҷумҳуриҳои ҳамсояи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз вазъи нооромии Тоҷикистон хеле дар хавф монда, саҳми худро дар хотима додани ҷанг гузоштанд.

Маълум аст, ки дар Тоҷикистон намояндагони бисёр миллату халқиятҳо, хусусан ӯзбекҳо, русҳо, қирғизҳо, туркманҳо, қазоқҳо хеле зиёд истиқомат мекарданд. Аз ин ҷиҳат ҷумҳуриҳои бо мо ҳамсояи Осиёи Марказӣ низ манфиатдор буданд, ки ҳарчи зудтар дар Тоҷикистон сулҳ пойдор гардад.

Моҳи сентябри соли 1992 роҳбарони ҷумҳуриҳои Қазоқистон – Н. Назарбоев, Ӯзбекистон – И. Каримов, Россия – Б. Елтсин ва Қирғизистон – А. Акаев дар изҳороти якҷояи худ қайд намуданд, ки барои соҳибистиқлолӣ ва мӯътадил гардидани вазъ дар Тоҷикистон кӯмаки амалӣ хоҳанд расонд. Барномаи мушаххас оиди хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон 4 ноябри соли 1992 дар ҷаласаи роҳбарони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо иштироки вазири корҳои хориҷии Россия А. Козырев, ки дар ш. Алма-Ато барпо гардида буд, тасдиқ карда шуд. Аз он ҷумла, пешниҳод карда шуд, ки ҳарчи зудтар дар шаҳри бостонии Хуҷанд, ки нисбатан вазъи мӯътадил вуҷуд дошт, маҷлиси навбатии депутатҳои халқии Тоҷикистон даъват шуда, масъалаи сулҳ дида шавад.

Рӯзи 16 ноябри соли 1992 дар ш. Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) баргузор гардид, ки вай қарорҳои мушаххасеро оид ба хотима додани ҷанг қабул карда, роҳҳои созандагиро пешниҳод намуд. Дар ҳамин Иҷлосия сарвари нави ҷумҳурӣ Э.Ш. Раҳмонов интихоб гардид ва дар савганди ёд кардааш чунин омадааст «Ман оғози кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард... Ман тарафдори давлати

демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем».

Баҳри пойдории сулҳ ва татбиқи қарорҳои таърихии Иҷлосияи XVI ҳукумати навинтихобшудаи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон тадбирҳои зерин андешид: аз ҷумҳуриҳои ИДМ хоҳиш намуд, ки ба минтақаҳои ҷангӣ қувваҳои таъмини амниятро ворид намоянд; барпо намудани артиши миллӣ; барҳам додани дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ; аз ҳукумати Россия хоҳиш карда шуд, ки баҳри мудофиаи яклорчагии Тоҷикистон сарбозони дивизияи 201-ум ва қисмҳои сарҳадбон муваққатан дар ҷумҳурӣ мононда шаванд.

Дар ибтидои моҳи декабри соли 1992 бо дастгирии аҳолӣ қисмҳои мусаллаҳи ҳукумати қонунӣ аз минтақаи ғарб ва ҷануб бе муқобилияти калон ба Душанбе ворид шуданд. Дастаҳои мусаллаҳи муттаҳидаи оппозитсия қарор карданд, ки бе задухӯрди ҳарбӣ ба тарафи сарҳади Афғонистон ва аз шарқ ба мавзеҳои Қаротегину Бадахшон ақибнишинӣ намоянд. Ҳамин вақт гурӯҳи калони гурезаҳо, яъне онҳое, ки аслашон зодаи Қаротегину Помир буданд, бо оилаҳояшон аз водии Вахшу Ҳисор ва Душанбе ба минтақҳои кӯҳистон рафтанд. Танҳо ба хоки Афғонистон зиёда 60 ҳазор шаҳрвандонамон кӯч бастанд. Инчунин 195 ҳазор шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар солҳои ҷанги бародаркушӣ маҷбур шуданд, ки ба Россия, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Украина ва дигар кишварҳои дунё муҳоҷир шаванд.

Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф бӯҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ таҳдид мекард, бо сабаби аз кор мондани корхонаҳо сатҳи зиндагии мардум торафт паст шуда, рӯз аз рӯз сафи бекорон меафзуд, аз тарафи дигар қатли шаҳрвандони алоҳида зуд-зуд рух медоданд.

Мутаассифона, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ идораҳои маъмурӣ аз ӯҳдаи таъмини оромию бехатарии мардум баромада натавонистанд. Ҳатто дар баъзе ноҳияҳои кӯҳистони Қаротегин ва Бадахшон дастаҳои мусаллаҳи оппозитсия фармонфармоӣ мекарданд. Масалан, 6 ноябри соли 1993 дар Ғарм, баъд дар Ҳоит, Ҷиргатолу Тавилдара ҳокимияти оппозитсия барпо гардид. Дар ин минтақаҳо байни қувваҳои ҳукуматӣ ва дастаҳои муттаҳидаи оппозитсия борҳо задухӯрд ба амал омада аз ду тараф сарбозон қурбон мегардиданд. Танҳо дар минтақаи Шӯробод 13 июли 1993 оппозитсия зиёда аз 70 сарбозро талаф дод. Дар заставаи «Ванҷ» - 100, дар

мададу дастгирии бародаронаи олимони русу украин ва дигар халқҳо дар кашфи нодиртарин соҳаҳои илм ангуштнамо шуданд. Вале ба назари мо, аз ҳама муҳимаш он буд, ки дар ин даврон забони тоҷикӣ аз нав ҷон гирифт ва тавассути софкории адибону олимон, заҳмати пайвастаи зиёиён хеле суфтаву ҷолиб гашт. Эҳсоси ифтихор ва худшиносии миллати тоҷик қувват гирифт.

*Э. Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе, 1996. – С.17.*

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ

*Ходимони намоёни илму фарҳанги тоҷикро дар солҳои 50-80-ум номбар кунед?*

*Дар кинофестивали Қоҳира кадом филми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои аввалро гирифт ва соҳиби ҷоизаи «Уқоби тиллоӣ»-и гардид?*

*Кай Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфт?*

*Ба муносибати 40-солагии Ғалабаи халқи шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ чигуна тадбирҳои мушаххас гузаронида шуд, ки онҳо хусусан барои ҷавонони ҷумҳурӣ аҳамияти тарбиявӣ доштанд?*

*Дар солҳои 60-80-ум Тоҷикистон бо кадом давлатҳои хориҷӣ робитаҳои фарҳангӣ дошт?*

*Камбудиҳои кори тарбиявии байни шаҳрвандонро номбар кунед.*

*Асари Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» бори аввал бо кадом забон нашр гардидааст?*

***Мавзӯъҳо барои навиштани реферат:***

– Қонун оид ба забони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти он.

– Саҳми ҷавонони эҷодкори ҷумҳурӣ дар инкишофи санъат.

– Мақоми фарҳанг дар баланд гардидани сатҳи маданияти умумӣ ва сиёсии шаҳрвандон.

– Нақши зан дар пешрафти маорифи халқ.

Исломӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) саҳми худро гузоштанд.

Бо мақсади таъмини сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон моҳи апрели соли 1994 гуфтушуниди байни тоҷикон оғоз ёфт. Гуфтушунидҳо дар байни ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик борҳо дар Россия, Эрон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Афғонистон, дар шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Исломобод, Алма-Ато, Ашқобод, Бишкек, Москва барпо гардиданд. Дар гузаронидани гуфтушунидҳо ва ба даст овардани сулҳ саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов хеле калон аст.

Дар роҳи таъмини сулҳи пойдор дар Тоҷикистон зарурияти ташкил намудани музокироти байни тоҷикон ба миён омад. ки вай аз 5-19 апрели соли 1994 сар шуда, дар 8 давра гузаронида шудааст.

17 сентябри соли 1994 дар Теҳрон созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ва дохили кишвар дар давраи гуфтушунид ба имзо расид. Кулли шаҳрвандони Ҷумҳурӣ қабули чунин ҳуҷҷатро дастгирӣ намуда, умеди боварӣ ҳосил карданд, ки роҳи сулх ба тариқи ҷиддӣ пеш гирифта шудааст.

23 декабри соли 1996 дар ш. Москва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ[1] вохӯрда, бо ширкати намояндагии махсуси муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид созишномае имзо карданд, ки тибқи он Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд.

Комиссияи оштии миллӣ аз 26 нафар иборат буда, онро раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ роҳбарӣ мекард. Дар низомномаи Комиссияи оштии миллӣ чунин омадааст: «Вазифаи комиссия ҳалли маҷмӯи проблемаҳои вобаста ба оштии миллӣ мебошад. Комиссия бояд муоҳидаҳоеро амалӣ созад, ки дар ҷараёни музокироти тоҷикон ба даст омадаанд, вай бояд ба фароҳам сохтани муҳити боварӣ ва бахшидани гуноҳҳои

---

[1] Саид Абдулло Нурӣ 15 марти соли 1947 дар Сангвори (ҳоло ноҳияи Тавилдара) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи рӯҳонӣ таваллуд шуда, аз соли 1953 дар водии Вахш зиндагӣ кардааст. Маълумоти диниро ӯ аз падар ва муллои донишманд гирифтааст. Ғайр аз фаъолияти муллогӣ ӯ аз соли 1974 ба ташкилоти ғайрилегалии «Наҳзати ислом» роҳбарӣ кардааст. Барои пахн намудани ақидаҳои динӣ ҳабс шуда, пас аз соли 1988 барои кор кардан ба қозиёти ҷумҳурӣ даъват мешавад. С.А. Нурӣ солҳои ҷанги шаҳрвандӣ пешвои намоёни мухолифини тоҷик буда, ба Комиссияи оштии миллӣ роҳбарӣ намуда, дар баста шудани сулҳи тоҷикон саҳми арзанда гузоштааст. Аз 18 сентябри соли 1999 ӯ Раиси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон мебошад.

ҳамдигар мусоидат намояд, инчунин гуфтушуниди васеи қувваҳои гуногуни сиёсии мамлакатро барои истиқрор ва таҳкими созгории миллӣ дар Тоҷикистон ба роҳ монад.

Комиссия мақоми муваққатӣ мебошад, ки дар давраи гузориш ташкил карда мешавад. Вай фаъолияташро баъди ташкили парлумони нав ва мақомоти роҳбарикунандаи он қатъ менамояд» Комиссияи оштии миллӣ чор зеркомиссия роҷеъ ба масъалаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, гурезаҳо ва ҳуқуқиро дарбар мегирифт.

Музокироти байни тоҷикон 40 моҳ тӯл кашид, вале, мутаассифона, дар ин давра ҷанги мусаллаҳона хомӯш нашуда буд. Яке аз муваффақиятҳои кори комиссия аз он иборат буд, ки вай бо иштироки бевоситаи Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Европа (САҲЕ), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх (КБСС), Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ) ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ, мамлакатҳои ба мо дӯст, чун Россия, Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон гузаштааст. Дар ин кори хусусан муҳим Созмони Милали Муттаҳид хизмати босазо кардааст. Зери сарварии СММ ҳанӯз моҳи сентябри соли 1992 «Миссияи Соммерейнис» фаъолияташро оғоз намуд. 21 январи соли 1993 миссияи нозирони СММ, 26 апрели ҳамон сол Сафир Исмат Киттанӣ Намояндаи вижаи Дабири кулли СММ дар Тоҷикистон оиди барқарории сулҳ дар сарзамини тоҷикон фаъолият сар карданд.

Дар натиҷаи ҷидду ҷаҳди қувваҳои пешқадам дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он 27 июни соли 1997 дар ш. Москва «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» қабул гардид, ки зери он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов, роҳбари иттиҳодияи нерӯҳои мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ ва Намояндаи махсуси Дабири кулли СММ Г.Д. Меррем имзо гузоштанд.

Ҷанги шаҳрвандиро, ки дар Тоҷикистон ба амал омада буд, ба се давра ҷудо кардан мумкин аст. Давраи якум, ин пухта расидани заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ. Ин давра аз воқеаҳои фоҷиавии моҳи феврали соли 1990 сар шуда, то 25 марти соли 1992 вақте, ки ҷавонони зиёд дар майдони Шаҳидон ҷамъ омада, талаб карданд, ки Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон С. Кенҷаев ба истеъфо равад, давом дошт. Давраи дуюм, бевосита оғози ҷанг буд, ки аз воқеаҳои моҳи майи соли 1992 сар шуда, то декабри ҳамин сол давом кардааст. Ин давраи вазнинтарини

ҷанг ба ҳисоб рафта аз ҳарду тараф хунрезӣ шуда, шумораи зиёди одамон ҳалок гардидаанд. Давраи сеюм, аз январи соли 1993 то 27 июни соли 1997 давом кардааст. Дар ин давра ақиб нишастани қувваҳои ҳарбии мухолифин ба тарафи ноҳияҳои Ғарму Тавилдара ва Помир ба итмом расида, «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» имзо шуд.

Сарфи назар аз муаммоҳо ва мураккабии шароити таърихии солҳои 90-ум дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон сулҳ ғалаба кард. Дар Симпозиуми байналмилалии «Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон», ки 26-27 апрели соли 2001 дар Душанбе барпо гардида буд, қайд шуд, ки сулҳи Тоҷикистон барои мардуми ҷаҳон ибрат ва сабақи таърихӣ мебошад.

## 3. МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ЯГОНАГӢ ВА ВАҲДАТ ДАР ҶУМҲУРӢ

Имзо гардидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» дорои аҳамияти байналхалқӣ буда, пеш аз ҳама барои таъмини соҳибистиқлолии ҷумҳуриамон, ваҳдати миллӣ ва ба минтақаи сулҳ табдил ёфтани Осиёи Марказӣ таъсири мусбӣ расонд. Акнун дар рӯзнома амалан ҳал намудани масъалаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсии ҷумҳурӣ меистод ва барои ҳарчи зудтар бартараф кардани сохтори фалаҷгаштаи идораҳои давлатӣ, пеш аз ҳама ҳарбӣ, кӯшиш карда мешуд.

Яке аз омилҳое, ки пояи сулҳро мустаҳкам мегардонад, ин ба ватан баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ буд. Соли 1993 теъдоди онҳо ба 800 ҳазор нафар расид.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов як силсила тадбирҳо андешида шуданд, ки онҳо барои таъмини сулҳ ва бозгаштани ҳамватанон мусоидат намуданд. Дар ин бобат қабули қонунҳои авф ва иловаҳо ба қонунҳои «Матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи озодии виҷдон» ва ғайра шаҳодат медиҳанд. Вохӯриҳои намояндагони мақомҳои низомӣ ва гурӯҳҳои мусаллаҳи минтақаи Қаротегин низ ба барқарор шудани сулҳ мусоидат намуд. Хусусан, таъсири гуфтори «Хоки Ватан»-и радиои тоҷик ба бозгашти фирориёни хизмати босазо кард.

Баъди имзо шудани Созишномаи умумӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва заминаи сулҳ ва ваҳдат дар Тоҷикистон

амалӣ гардид. Пас аз ин воқеаи таърихӣ дар мамлакат тадбирҳои ба сохтори ҳукуматӣ шомил кардани намояндагони мухолифин, ба ҷумҳурӣ баргардонидани қувваҳои мусаллаҳи онҳо, таъмини фаъолияти озоди ҳамаи аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсӣ, ки фаъолияташон ба қонунҳои ҷумҳурӣ мухолифат намекунанд, андешида шуданд. Ин тадбирҳо роҳи сулҳро пойдор намуда, ваҳдати миллиро мустаҳкам карда истодаанд.

Бояд гуфт, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба мамлакат зарари ҳарҷониба овард. Дар ин хусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов чунин навиштааст: «Дар натиҷа садҳо биноҳои маъмурию иқоматӣ, дабистону кӯдакистонҳо ва деҳаҳои бутун валангор шуданд. Ғоратгарӣ ва талаву тороҷ авҷ гирифт. Маҳсули меҳнати солҳо ҷамъовардаи мардум ба яғмо рафт. Зарари моддии ба ҷумҳурӣ расондаи ҷанг бештар аз 7 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод...»

Яке аз тарафҳои мудҳиши ҷанг дар он баён меёфт, ки талафоти калони инсонӣ ба амал омад. Аз тарафи қувваҳои сиёҳ ашхоси бегуноҳ, аз ҷумла ходимони намоёни миллату давлат, илму фарҳанги ҷумҳурӣ қатл карда шуданд. Дар байни онҳо М.С. Осимӣ, М.Н. Назаршоев, М. Назриев, М. Шералиев, М. Ғуломов, Ю. Исҳоқӣ, О. Латифӣ ва бисёр дигарон буданд.

### Аҳдномаи ризояти ҷомеа дар Тоҷикистон

Бо мақсади амалӣ гардидани сулҳи тоҷикон, ба мардуми ҷумҳурӣ фаҳмонда додани зарари ҷанг ва зарурияти ҳарчи зудтар тантана ёфтани аҳду паймон дар байни шаҳрвандон бояд як ҳуҷҷате қабул мегардид, ки вай ризояти ҷомеаро дар Тоҷикистон ба амал меовард.

Қариб 30 ташкилоти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ 9 марти соли 1996 Аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистонро имзо намуданд. Моҳияти ин ҳуҷҷат дар нутқи барномавии Президент Э.Ш. Раҳмонов ба тариқи зайл муайян гаштааст:

«Таъмини сулҳу субот дар мамлакат.

Ба даст овардани созгории миллӣ ва иттиҳоди ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ барои ҳалли проблемаҳои муҳимтарин дар чаҳорчӯбаи Аҳднома.

Таҳкими истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ.

Таҳкими сохторҳои демократии давлат ва ҷомеа бо мақсади эҳтироми ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ.

Маъвои умумии худ эътироф кардани Тоҷикистон, муборизаи муштарак ба муқобили қашшоқии молию маънавӣ, барои ваҳдат ва субот.



*Қасри Ваҳдат дар ш. Душанбе*

Фароҳам сохтани шароит барои инкишофи ҳамаҷониба ва озодонаи шахсият новобаста ба фарқияти нажодию миллӣ, динӣ, забонӣ ва мавқеъҳои сиёсӣ.

Дар чаҳорчӯбаи Аҳдномаи ризояти ҷомеа давлат ва Ҳукумат ӯҳдадор мешаванд, қонунҳое таҳия ва қабул кунанд, ки ба демократикунонии ҳаёти ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқи башар ва озодии вай мусоидат намояд…

Дар навбати худ ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ӯҳдадор мешаванд, ки дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ҳукуматро дастгирӣ карда, ба устувор шудани соҳибихтиёрии давлатӣ, ризояти миллӣ мусоидат менамоянд, аз ҳама шаклҳои моҷароҷӯӣ ва фишори зӯроварона даст мекашанд».

Натанҳо шаҳрвандони ҷумҳурӣ, балки давлатҳои гуногуни дунё Аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистонро дуруст ҳисобида ба хулоса омаданд, ки татбиқи он оромиро дар кишвар таъмин хоҳад кард. Хушбахтона, дар мамлакатамон аз моҳи апрели соли 1996 Шӯрои Ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, ки вай барои татбиқи Аҳднома низ саҳми худро гузошта истодааст. Ин Шӯро мунтазам ҷаласаҳои худро гузаронида, роҳҳои нав ба нави корро дарёфт намуда, баҳри сулҳу оромӣ дар ҷумҳурӣ корҳои босубот мебарад.

Дар ин кори муқаддас собиқ нерӯҳои мухолифини тоҷик низ саҳми муносиб гузоштаанд. Масалан, 3 августи соли 1999 роҳбари Иттиҳоди неруҳои мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ расман парокандашавии дастаҳои низомии худро эълон намуд.

Сулҳ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле гарон ва бо роҳи мушкилу тӯлонӣ ба даст омад. «Ваҳдати миллӣ – қайд менамояд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов - бояд аз ҳамагуна ихтилофи назар, гуногунандешии сиёсӣ,

манфиатҳои ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва ғайра болотар ва дахлнопазир бошад, аҳли ҷомеаро муттаҳид, якдил, эҳтиром ва якпорча созад».

Дар чунин шароити тақдирсоз баҳри ҳарчи зудтар аз нав барқарор намудани ҳаёти иқтисодию-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, нигоҳ доштани соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ходимони намоёни давлатӣ, илму маданият ва собиқадорони ҷангу меҳнат бо ташаббуси наҷиб оид ба ташкили «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» баромад намуданд. Ин ташаббус аз тарафи сардори давлатамон ҳаматарафа дастгирӣ ёфт.

Рӯзи 18 июли соли 1997 қариб 600 вакилон аз тамоми ҷумҳурӣ дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ ҷамъ омада «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон»-ро таъсис доданд. Вакилон якдилона Президент Э.Ш. Раҳмоновро Раиси «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» интихоб карданд. Дар Оинномаи ин Ҳаракат чунин қайд шудааст: «Ҳадафи асосии Ҳаракат муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва нерӯҳои Тоҷикистон дар мавриди барқарор намудани сулҳу суботи доимӣ, боварии тарафайну ризояти шаҳрвандӣ, аз бӯҳрон раҳо додани ҷомеа, таҳкими якпорчагии давлат ва интегратсия ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, устуворӣ ва вусъат бахшидани демократия, комёб шудан ба риояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мебошад».

Бояд гуфт, ки «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» оиди инкишофи ҷумҳурӣ, хусусан дар баланд шудани сатҳи маданияти умумӣ ва сиёсии шаҳрвандонамон саҳми босазо гузошта истодааст.

Дар ҷумҳурӣ созмонҳои гуногун амал мекунанд, ки онҳо бо ҳамкории «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» фаъолияти самараноки кори тарбиявӣ мебаранд. Яке аз ин созмонҳо Фонди Миллии «Шоҳроҳи Абрешим – Шоҳроҳи Ваҳдат» мебошад. Хусусан, маъракаи якуми «Корвони сулҳу ваҳдат дар шоҳроҳи ваҳдат» (5 – 15 июли соли 1999), ки аз ағбаи Кулма тавассути шоҳроҳи нави бузурги Абрешим Корвони Сулҳу Ваҳдат гузашт ва дар он намояндагони қариб ҳамаи шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ширкат намуданд, хеле самаранок буд.

Маъракаи «Корвони II Сулҳу Ваҳдат дар Шоҳроҳи Ваҳдат» аз 23 то 27 июни соли 2000 давом кардааст. Ин сафари Корвон дар ду самт: якум аз Кулма ва Исфара оғоз ёфта, ба воситаи Хуҷанд–Ӯротеппа–Айнӣ–Варзоб ва дуюм, аз Мурғоб–Хоруғ–Қалъаихумб–Кӯлоб–Кофарниҳон (Ваҳдат) гузашта, ба Душанбе расидааст.

**Давраҳо ва сабақҳои таърихии сулҳи тоҷикон**

Ба фаъолияти Корвони Сулҳу Ваҳдат Президенти Ҷумҳур Э.Ш. Раҳмонов баҳои мусбӣ дода, чунин қайд кардааст: «Хушбахтона, мо дар кишвари худ барои сулҳи пойдор ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа заминаи боэътимод гузошта тавонистем, вале агар мо хоҳем, ки мамлакати мо ҳамвора тараққӣ карда, ба сафи давлатҳои пешқадами дунё ворид гардад, наслҳои ояндаамон зиндагии сазовор дошта бошанд ва аз падару модарони худ ба некӣ ёд кунанд, бояд ҳаргиз ба халалдор шудани сулҳу субот роҳ надиҳем ва бақову пойдории давлати миллиро пайваста таъмин намоем. Ин, пеш аз ҳама, аз дилу нияти нек, азму талоши гарм ва меҳнати фидокоронаи тамоми шаҳрвандони Тоҷикистони азизамон вобаста аст.»

Сулҳе ки дар Тоҷикистон барпо гардид, бо тадбир буда, аз ду давра иборат мебошад. Давраи якум, аз 4-19 апрели соли 1994 оғоз ёфта то 19-23 декабри соли 1996 давом кардааст. Бо ташаббуси Ҳукумат зери сарварии Э.Ш. Раҳмонов ва аз тарафи як гурӯҳ ватандӯстони мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ, О. Латифӣ, А. Сатторзода ва дигарон гуфтушунид ба амал омад. Дар ин давра панҷ вохӯрӣ барпо гардида, гуфтушунид дар шаҳрҳои Москва, Теҳрон, Исломобод, Кобул, Алма-Ато, Ашқобод, Хосдеҳ гузашта бо ташкилёбии «Комиссияи оштии миллӣ» ба итмом расид.

Давраи дуюм, аз 5–19 январи соли 1997 аз гуфтушунид дар Теҳрон оғоз ёфта то 26-27 июни соли 1997 бо қабули «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» дар Москва ба итмом расид. Дар ин давра чор вохӯрӣ дар шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Бишкек ва Москва бо муваффақият гузаронида шуд.

Сулҳи тоҷикон дорои хусусиятҳои хос мебошад. Вай дар шароите имзо гардид, ки дар ҷумҳурӣ мазмуни демократия такмил ёфта, сохтори бисёрҳизбӣ ва плюрализми идеологӣ дар партави Сарқонуни нав инкишоф ёфт. Бо туфайли ҳамкориҳо хусусан бо Россия, Эрон инчунин бо дигар мамлакатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ қазияи тоҷикон дар роҳи барқароршавии сулҳ ба даст омад.

Аҳамият ва сабақҳои асосии сулҳи тоҷикон чунинанд:

бо туфайли сулҳ хатари барҳам хӯрдани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз байн рафт;

оштии миллӣ нишон дод, ки халқи тоҷик тамаддуни бой ва фарҳанги қадима дошта, мардуми сулҳдӯст буд ва мемонад.

сулҳ ягонагии тоҷикону тоҷикистониҳоро таъмин карда, сарзамини хешро ҳамчун муқаддасот нигоҳ дошта тавонист;

ҳаёт исбот намуд, ки ҳизбу созмонҳо ва дигар ҷабҳаҳои сиёсӣ сарфи назар аз ақида ва роҳҳои гуногуни созандагӣ метавонанд аҳл шуда, барои миллат, Ватани худ хизмати босазо намоянд;

барои хотимаи ҷанг ва тантанаи сулҳ қувваҳои муқобилистодаи мамлакат ба роҳи осоишта гуфтугӯ намуда, ба созмонҳои байналмиллалӣ низ такя карда, метавонанд муамморо бо роҳи одилона ҳал намоянд;

бояд фавран пеши роҳи муаммоҳои ҷиддие, ки мамлакатро ба ҷанг тела медиҳанд, гирифта шавад. Фориғболӣ, беэътиноӣ, қасдгирӣ ва бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани проблемаҳо, хусусан проблемаҳои сиёсӣ дар асри XXI–асри прогресси техникӣ хавф ва хатари калон дорад.

сулҳи тоҷикон бори дигар нишон дод, ки ҷавононро аз истеъмол ва тиҷорати маводи муқаддир нигоҳ доштан зарур аст. Истифодаи нашъа ва паҳн кардани он натанҳо ба саломатии шаҳрвандон зарар мерасонад, балки инчунин авзои ҷомеаро нотинҷ гардонда, ҷангу ҷидолро ба амал меорад;

дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ шаклу усулҳои корие (мулоқотҳои сардори давлат бо роҳбари мухолифин, «Комиссияи оштии миллӣ») созмон дода шуд ва ҳуҷҷатҳое қабул гардиданд, ки рафти хотимаи ҷангро тезонданд;

таҳлили таърихи ҷанг ва сабақи сулҳи тоҷикон бори дигар нишон дод, ки хусусан ба масъалаи тарбияи насли наврас аҳамияти аввалиндараҷа додан зарур аст ва пеш аз ҳама ҷавонон бояд дар рӯҳияи ваҳдат, дӯстии халқҳо ва ватандӯстӣ тарбия карда шаванд.

# САРЧАШМА ВА МАВОДИ ИЛОВА

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН Э.Ш. РАҲМОНОВ ДАР ҶАЛАСАИ ЯКУМИ ШӮРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, 9 АПРЕЛИ СОЛИ 1996

Имрӯз аз он рӯзе, ки мову шумо «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон»-ро имзо намудем, расо як моҳ гузашт. Ин ҳуҷҷати дорои аҳамияти бағоят бузурги таърихӣ, ки дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишварамон нақши муҳимеро доро мебошад, дар байни мардуми ҷумҳурӣ ва дар арсаи байналхалқӣ ҳам баҳои хеле баландеро соҳиб гашт. Роҳбарону сиёсатмадорони давлатҳои гуногуни ҷаҳон ба «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» баҳои баланд дода, онро ҳамчун як иқдоми ҷиддитарин дар роҳи ба даст овардани сулҳу оромии на танҳо Тоҷикистон, балки умуман минтақаи мо номбар мекунанд ...

*Ризояти ҷомеа мароми мост. – С.10.*

## СОЗИШНОМАИ УМУМИИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Бо мақсади дарёфти сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва барҳам додани оқибати ҷанги шаҳрвандӣ аз 5 апрели соли 1994 сар карда, то ҳамин рӯз зери сарпарастии СММ Музокироти байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ давом кард. Ҳангоми ҳашт даври ин музокирот байни ҳайатҳои Хукумати Ҷумхурии Тоҷикистон (ҶТ) ва Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсиони тоҷик (ИНОТ), ки минбаъд «Тарафайн» номида мешаванд, шаш мулоқоти Президенти ҶТ ва Роҳбари ИНОТ, ҳамчунин се машварати Тарафайн, ки дар Олматӣ, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад баргузор шуданд, протокол ва дигар санадҳое, ки дар маҷмӯъ Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (Созишномаи умумӣ)-ро ба миён меоранд, мувофиқа ва имзо шуданд ...

***САВОЛҲО ВА СУПОРИШ:***

*Чаро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷанги шаҳрвандӣ рух дод?*

*Кай «Комиссияи оштии миллӣ» ташкил ёфт, вазифа ва ваколатҳои он аз чӣ иборат буд?*

*Санади ҳамдигарбахширо киҳо имзо гузоштанд?*

*Дар ҷумҳурии мо кадом рӯзро рӯзи Ваҳдат эълон кардаанд?*

*Давраҳои ҷанги шаҳрвандиро муайян кунед?*

*Рафти мустаҳкам гардидани сулҳ ва ваҳдатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воситаҳои ахбори умумӣ самаранок истифода намоед.*

***Мавзӯъҳо барои навиштани реферат:***

–Сабабҳои ба амал омадани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

–Зарари ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ, ичтимоӣ ва маънавии халқи тоҷик.

–Мақоми Корвони сулҳ ва ваҳдат дар тарбияи шаҳрвандонамон.

–Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ва аҳамияти он.

–Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон.

–Сабақҳои таърихии сулҳи тоҷикон.

# БОБИ 8.
# ИСЛОҲОТИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

## 1. ИСЛОҲОТИ СИЁСӢ ВА РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ОН

**Зарурати гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ**

Ба даст омадани соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекард, ки дар мамлакат пеш аз ҳама ислоҳоти сиёсӣ гузаронида шуда, ҷиҳати ҳуқуқии он таъмин карда шавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бе ислоҳоти сиёсӣ давлати соҳибистиқлол пойдор шуда наметавонад ва чунин ҷумҳуриро ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намекунад.

Бояд гуфт, ки аз рӯзҳои аввали дар харитаи ҷаҳон пайдо шудани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ислоҳоти сиёсӣ оғоз ёфт. Вале, мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ то як андоза ба раванди ислоҳотӣ сиёсӣ халалдор ва баъзан монеа шуд.

Ба кишвари сулҳ табдил ёфтани Тоҷикистон заминаҳои хуби гузаронидани ислоҳот, аз он ҷумла, ислоҳоти сиёсиро фароҳам овард. Пеш аз ҳама он тағйиротҳои кулии сиёсие, ки ҳанӯз дар рафти бозсозӣ ва дар раванди демократикунонии ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба амал омада буданд, қонунӣ гардонидан лозим буд. Аз тарафи дигар, таҷрибаи муфиди давлатҳои ҷаҳонро ба ҳисоб гирифта, ислоҳоти сиёсиро ба хусусиятҳои хоси тоҷикистониаш бояд ба амал мебаровардем.

Баъд аз соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ тадбирҳои мушаххас оид ба расмият даровардани қонуну қоидаҳои ҷадид андешида шуданд. Пас аз эълони истиқлолияти давлатӣ фавран қонунҳои зерин: «Дар бораи тағйир додани номи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» (31 августи соли 1991), «Дар бораи интихоботи раиси Ҷумҳурияти Тоҷикистон» (10 сентябри соли 1991) ва ғайра қабул гардид.

Дар мамлакат зарурати қабули Конститусияи нав ба миён омад. Ин зарурат аз он бармеояд, ки шароити таърихӣ тағйир ёфта, ҷумҳурии соҳибистиқлол ташкил ёфта буд. Дар мазмун ва равандҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Сохтори сиёсӣ низ тақозо мекард, ки дар асоси қоидаҳои нав коргузорӣ ба роҳ монда шавад.

Яке аз тадбирҳои ҷиддӣ дар барпо кардани ҷомеаи нав тайёр ва ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод кардани Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон буд. Бо ин мақсад ва дар асоси қарори Иҷлосияи XVII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сарварии Э.Ш. Раҳмонов ҳайати нави Комиссияи конститутсионӣ таъсис дода шуд. 10 феврали соли 1992 гурӯҳи корӣ бо сарварии Н. Ҳувайдуллоев барои тартиб додани лоиҳаи Конститутсия таъсис дода шуд. Моҳи апрели соли 1992 лоиҳаи Сарқонун барои муҳокима дар матбуоти даврӣ чоп гардид. Мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ барои қабули ин Сарқонун имкон надод. Баъди барқарорсозии Ҳукумати конститутсионӣ соли 1994 гурӯҳи кории дигар Лоиҳаи нави Сарқонунро барои муҳокимаи умумихалқӣ омода сохт. Конститутсия аз ҷониби шаҳрвандон пазируфта шуда, рӯзи 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ 87% иштироккунандагон ин ҳуҷҷати таърихиро дастгирӣ намуданд.

Дар муқаддимаи Конститутсия қайд шудааст, ки «Мо халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода ҳамин конститутсияро қабул ва эълон менамоем.»

Ҳар сол 6 ноябр ҳамчун рӯзи Конститутсия дар Ҷумҳурӣ ҷашн гирифта мешавад. Халқи Тоҷикистон дар асоси ин ҳуҷҷати муқаддас зиндагӣ ва меҳнат карда, Ҷумҳурии соҳибистиқлолро пурқувват мегардонад.

Дар моддаи якуми Конститутсия омадааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад». Мувофиқи Конститутсия ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба халқ тааллуқ дорад. Тибқи моддаи 9 Конститутсия ва моддаи 3 Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар мамлакат тавассути мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Аз номи халқ Маҷлиси Олӣ ва Президент сухан гуфта метавонанд. Сохти давлатии Ҷумҳурӣ унитарӣ мебошад. Тоҷикистон аз воҳидҳои маъмурии зерин: Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст.

Мувофиқи Конститутсия Президент ба мӯҳлати 7 сол интихоб шуда, дар айни ҳол сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия

(Ҳукумат) мебошад. Аз ҷумла, Президент ҳуқуқ дорад фармонҳои худро ба Маҷлиси Олӣ (органи олии қонунбарор) барои тасдиқ кардан пешниҳод намуда, сарвазир ва дигар аъзоҳои ҳукуматро таъйин намояд. То ҳол дар Тоҷикистон се нафар: Қаҳор Маҳкамов (дар Шӯрои Олӣ), Раҳмон Набиев ва Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудаанд.

Органи олии намояндагӣ, қонунгузории ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ буда, ба муддати 5 сол интихоб мегардад. Соли 1995 ба парламенти нав – Маҷлиси Олӣ 181 депутат интихоб гардид. Маҷлиси Олӣ қонун қабул мекунад, буҷаи давлатиро мебинад, сиёсати дохилӣ, берунӣ ва мӯҳлати райъпурсиро муайян мекунад. Ҳоло Маҷлиси олӣ аз ду палата: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст.

Тибқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти Маҷлиси миллӣ иборат аз:

Таъсис ва барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва тағйири онҳо;

Интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент;

Ҳалли масъалаи бекор кардани дахлнопазирии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ;

Ризоият барои таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ;

Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ вай ба яке аз рукнҳои боэътимоди мақоми қонунгузори мамлакатамон табдил ёфтааст. Танҳо дар байни солҳои 2000 – 2005-ум чандин қонунҳои муҳимро қабул намудааст. Аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тибби халқӣ», «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ», «Дар бораи ворид



*Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев*

намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.

Ҳоло Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 34 нафар аъзо дорад.

Вазифаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Маҳмадсаид Убайдуллоев ба ӯҳда дорад[1]

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати сеюм аз 63 вакил иборат буда, доимоамалкунанда ва касбӣ мебошад.

Мувофиқи моддаи 57 Конститутсия салоҳияти Маҷлиси намояндагон иборат аз:

Таъсиси Комиссияи Марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб ва бозхонди раис, муовин ва аъзои он бо пешниҳоди Президент;

Ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо, дигар масъалаҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ;

Тасдиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

Ризоят ба додугирифти қарзи давлатӣ;

Тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ;

Таъини раъйпурсӣ;

Таъсиси судҳо;

Тасдиқи рамзҳои давлатӣ;

Тасдиқи мукофотҳои давлатӣ;

Тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи таъин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ;

Муқаррар намудани рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус;

Муайян намудани маоши Президент;

---

[1] Убайдуллоев Маҳмадсаид дар деҳаи ба номи Кирови ноҳияи Фархор 1 феврали соли 1952 таваллуд шудааст. Соҳиби маълумоти олии техникӣ ва ҳизбӣ буда, соли 1974 Донишкадаи политехникии ш. Харьков ва соли 1985 Мактаби олии ҳизбии ш. Тошкандро хатм кардааст. Ӯ дар вазифаҳои масъули хоҷагӣ, ҳизбӣ, шӯравӣ ва дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ муовини Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-1994), муовини аввали Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1994-1996), Раиси шаҳри Душанбе (аз соли 1996 то ҳол) шуда, кор мекунад.

Дар иҷлосияи якуми даъвати дуюм (17 апрели соли 2000) ва дар иҷлосияи якуми даъвати сеюми (15 апрели соли 2005) Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ Маҳмадсаид Убайдуллоевро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданд ва ӯ ин вазифаро ӯҳдабароёна иҷро карда истодааст.

Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси намояндагон аз 9 Кумита: оид ба иқтисод, буҷа, молия ва андоз; оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон; оид ба сохтори давлатӣ ва шуғли аҳолӣ; оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот; оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонон; оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила, ҳифзи сиҳатӣ ва экология; оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният; оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия, инчунин аз 2 Комиссия: оид ба назорати Дастур ва ташкили кор, оид ба одоби вакилон иборат мебошад.

Маҷлиси намояндагон аз рӯи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муайян накарда бошад.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2000 то ҳол Сайдулло Хайруллоев мебошад.[1]



***Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдулло Хайруллоев***

Тоҷикистон тибқи моддаи сеюми Конститутсия рамзҳои зерин: Нишон, Парчам ва Суруди Миллиро қабул намуд, ки хусусиятҳои хоси ҷумҳурии соҳибихтиёрро баён мекунад. Муаллифи шеъри Суруди миллӣ шоир Гулназар Келдӣ мебошад.

Мувофиқи Конститутсия ва қонуну фармонҳои қабул гардида, дар мамлакат

---

[1] Хайруллоев Сайдулло 10 августи соли 1945 дар ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт) таваллуд шуда, маълумоти олиро дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва Мактаби олии ҳизбии ш. Тошканд гирифтааст. Солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои гуногуни хоҷагӣ, шӯравӣ ва ҳизбӣ, аз ҷумла, муҳандис, сардори колоннаи механиконидаи сайёри ширкати «Душанбеводстрой». Раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқи ноҳияи Ғарм, вилояти Қӯрғонтеппа, Вазири ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

С. Хайруллоев аз соли 1995 то ҳол вакили халқ дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳоло ӯ вазифаҳои масъул  Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти гурӯҳи миллии парламентии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Байнипарлиментӣ, узви Шӯрои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба ӯҳда дорад.

кӯшиши гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ идома ёфта истодааст. Тибқи Конститутсияи нав сохтори пештара барҳам хӯрда, сохтори нави сиёсии ҷамъият ба амал омад. Аз ҷумла, сохтори ҳокимияти иҷроия тағйир ёфта, тарзи идоракунии президентӣ ҷорӣ гардида, ислоҳоти ҳокимияти қонунбарор ва судӣ гузаронида шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони Кумитаҳои давлатӣ иборат аст. Дар айни замон Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия Эмомалӣ Раҳмонов буда, Сарвазири ҷумҳурӣ Оқил Оқилов мебошад.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раисони Шӯрои Олӣ инҳо буданд: Қадриддин Аслонов (солҳои 1990-1991), Раҳмон Набиев (сентябри соли 1991- декабри соли 1991), Сафаралӣ Кенҷаев (солҳои 1991-1992), Акбаршо Искандаров (августи 1992 – ноябри соли 1992), Эмомалӣ Раҳмонов (ноябри соли 1992 – апрели соли 1995), Сафаралӣ Раҷабов (апрели соли 1995 – марти соли 2000).

Ҳамин тавр, ислоҳоти сиёсӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар асоси Конститутсия, қонунҳои парлумон ва фармонҳои сардори давлат сурат гирифта истодааст.

Тағйиротҳое, ки дар ҷомеа рух медиҳанд, сари вақт ба ҳисоб гирифта шуда, ба Сарқонун иловаҳо ва таҳрири нав дохил карда мешаванд. Дар ин бора натиҷаи раъйпурсиҳои умумихалқие, ки 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 гузаронида шуда буданд, шаҳодат медиҳанд.

Дар айни замон, мо эҳтимолчии раванди татбиқи ислоҳоти сиёсӣ мебошем, ки мунтазам сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ такмил ёфта, торафт низоми миллии давлатдорӣ поягузор шуда истодааст.

Дар Тоҷикистон имрӯз адлу адолат, озодию истиқлол, баробарҳуқуқии тамоми афроди башар риоя гардида, шаҳрвандон сарфи назар аз маҳаллу миллат дар сохтори сиёсии давлатдорӣ шомил мебошанд ва ин тамоил пояҳои ваҳдату ягонагиро дар ҷумҳурӣ мустаҳкам хоҳад кард.

**Сохтори бисёрҳизбӣ дар ҷумҳурият**

Яке аз самтҳои тадбиқи ислоҳоти сиёсӣ ин ба амал омадани сохтори бисёрҳизбӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Дар моддаи дуюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (аз 13 ноябри соли 1996) қайд шудааст, ки «Зери мафҳуми ҳизби сиёсӣ чунин иттиҳодияи ҷамъиятие фаҳмида ме-

шавад, ки вазифаи асосияш иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба воситаи ташаккул додани иродаи сиёсии шаҳрвандон ва инчунин ба амал баровардани ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои ҳизби сиёсӣ дар Оиннома ва Барномаи он, ки барои маълумоти умум интишор мешавад, инъикос меёбад»

Аз тарафи Анҷумани III вакилони халқии ИҶШС (марти соли 1990) бекор карда шудани моддаи 6 Конститутсияи ИҶШС дар Тоҷикистон заминаи воқеии сохтори бисёрҳизбиро ба вуҷуд овард. Амалан ин сохтор дар тӯли солҳои 90-ум ташаккул ёфт. Шаҳрвандони Тоҷикистон дар асоси моддаи 28 Конститутсия ҳуқуқи ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муттаҳид шудан пайдо карданд.

Баъди он ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 12 декабри соли 1990 қонунро «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҶШС Тоҷикистон» тасдиқ кард, амалан бақайдгирии ҳаракатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оғоз ёфт.

Дар як муддати кӯтоҳ 208 ариза омад, ки баъди тафтишоти Вазорати адлия ба 143 ҳизбу созмонҳо иҷозати фаъолият кардан дода шуд. Акнун дар қатори ҳизби коммунистӣ, ҳизбҳои наҳзати исломи Тоҷикистон (26 октябри соли 1991), демократии Тоҷикистон (10 августи соли 1990), халқии Тоҷикистон (10 декабри соли 1994), ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (15 июни соли 1996) ва ғайра ташкил ёфта, амал мекарданд. Ҳизби халқии Тоҷикистон соли 1998 ба ҳизби халқӣ – демократии Тоҷикистон табдил ёфта, дар анҷумани ҳизб (10 марти соли 1998) Э.Ш. Раҳмонов раис интихоб шуд. Дар Ҷумҳурӣ сол аз сол миқдори ҳизбу созмонҳо ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ зиёд шуда истодаанд. Ҳоло дар Тоҷикистон қариб се ҳазор ҳизбу созмонҳои гуногун амал мекунанд.

Ба ғайр аз ҳизбҳо ҳаракати мардумии «Растохез», ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» низ ба расмият даромад. Мутобиқи қарори Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 октябри соли 1991 «Дар бораи бекор кардани баъзе санадҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи ҳизбҳои дорои характери динӣ» 26 октябри соли 1991 Анҷумани муассисони Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон баргузор гардид.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки агар ҳизбу созмонҳои оппозитсионӣ дар чорчӯбаи Конститутсия бо нияти нек амал

кунанд, метавонанд ба пешравии ҷумҳурӣ ёрӣ расонанд. Ҳар як ҳизб, созмон ба барнома ва оинномаи худ такя карда, мехоҳад ба халқи худ хизмат намояд. Кадом ҳизб, созмон бахри ваҳдат ва инкишофи Ҷумҳурӣ бештар хизмат мекунад, онро таърих исбот хоҳад кард.

Хушбахтона, баъди ба итмом расидани ҷанги шаҳрвандӣ ва пойдор гардидани сулҳ дар Тоҷикистон фаъолияти созандагии ҳизбу созмонҳо хеле афзуд. Хусусан баъд аз тарафи 30 ҳизбу, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» (9 марти соли 1996) имзо шудан, дар ҷумҳурӣ заминаи хуби роҳи бунёди ҷомеаи озоду демократӣ ба амал омад.

Ташкилёбии Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар мустаҳкам намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳизбу созмонҳо нақши мусбӣ бозида истодааст.

Ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хусусан дар гузаронидани маъракаҳои сиёсӣ фаъолона иштирок менамоянд. Масалан, онҳо дар муҳокимаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, таклифҳои муфид пешниҳод кардаанд. Инчунин дар вақти интихоби президенти ҷумҳур ва вакилон ба парлумони мамлакат хизмати арзанда намудаанд.

Дар таърихи давлатдории тоҷикон бо иштироки ҳамаи ҳизбу созмонҳо бори аввал интихоботи парламенти касбӣ гузаронида шуд ва натиҷаи он хурсандиовар аст. Ҳангоми интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии даъвати дуюм дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ 15 аъзои Ҳизби халқии демократӣ, 5 аъзои Ҳизби коммунистӣ ва 2 аъзои Ҳизби наҳзати ислом соҳиби мандати вакилӣ гаштанд. Падидаи нав дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии ҷумҳурӣ ин дар парлумони мамлакат ташкил ёфтани фраксияҳои ҳизбӣ мебошад.

Мувофиқи Сарқонуни Ҷумҳурӣ ва дар натиҷаи интихоботи парлумон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ намояндагони ҳизбҳои зерин: Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (раиси фраксия Сангинов Ҷумъабой Раҳматович), Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон (раиси фраксия Шабдолов Шодӣ Давлатович) ва Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (муовини раиси ҳизб Ҳимматзода Муҳаммадшариф) дохил шуданд.

Ҳамин тавр, мавҷудияти сохтори бисёрҳизбӣ нишонаи муҳими ҷомеаи демократӣ буда, амалан хатари тоталитаризмро барҳам медиҳад.

## 2. ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

### Заминаҳо ва моҳияти ислоҳоти иқтисодӣ

Татбиқи амалии ислоҳоти сиёсӣ аз бисёр бобат бо ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ алоқа дорад. Ҷомеаи соҳибистиқлол ҳамон вақт пойдор мегардад, ки агар масъалаҳои асосии ҳаёти иқтисодӣ ҳал шаванд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дигаргуниҳои куллӣ бе иқтисодиёти калон ба амал намеоянд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол вазифадор аст, ки ба қувваи дохилии худ такя намуда, шаҳрвандонро бо сару либос, хӯрокворӣ таъмин намуда, умуман ба болоравии ҳаёти иқтисодӣ мусоидат кунад.

Пас аз ба даст даровардани истиқлолияти Тоҷикистон фавран ба гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ намуд. Аммо ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як шароити мураккаби таърихӣ ба амал омад ва ӯ дорои хусусиятҳои хос мебошад.

Дар роҳи татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон душвориву муаммоҳои зерин вуҷуд доштанд:

аввалан, бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ алоқаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва техникӣ канда шуда, ба иҷроиши нақшаҳои хоҷагии халқ таъсири манфӣ расонида шуд;

дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ хароб гардида, хусусан корхонаҳои саноатӣ, сохтмон аз кор монда, муассиса, хоҷагиҳои калонтарини ҷумҳурӣ вайрон карда шуданд. Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ, хусусан, Комплекси истеҳсолии Тоҷикистони ҷанубӣ зарари калони моддӣ дид. Як қисми корхонаҳои шаҳрҳои Душанбе, Қӯрғонтеппаро сӯзонда, дастгоҳҳоро шикаста, боигариашонро дуздиданд;

кӯч бастани муҳандисон, техникҳо, механизаторони таҷрибаноки ҷумҳурӣ ба дигар кишварҳои дуру наздик, ва бо сабаби паст гардидани маош дар соҳаи иқтисодиёт солҳои 1991 – 2000-ум ба 2,6 маротиба кам шудани қувваи асосии корӣ оварда расонд;

дар ибтидои солҳои 90-ум бӯҳрони иқтисодӣ авҷ гирифта, нақшаҳои воридот ва содироти мол вайрон гардида, дар Тоҷикистон хавф ва хатари нарасидани, пеш аз ҳама, маводи ниёзи мардум ҳис карда мешуд.

Ҳамин тавр, вазъияти иқтисодӣ объективона дикта мекард, ки дар Тоҷикистон ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида шавад. Хусусан имзо шудани Созишномаи умумӣ оид ба сулҳ ва оштии миллӣ имконият дод, ки Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бевосита ба азнавбарқароркунии ҳаёти хоҷагӣ ва гузаронданн ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ намояд.

Барои тартиб додан ва амалӣ гардондани Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ заминаҳои хуби моддӣ ва маънавӣ вуҷуд дошт. Тоҷикистон дорои канданиҳои бойи зеризаминӣ ва захираҳои зиёди обӣ мебошад. Аксарияти аҳолии ҷумҳуриро ҷавонон ва занон ташкил дода, бештари онҳо дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Захираҳои зиёди меҳнатие, ки дар Тоҷикистон вуҷуд доранд, метавонанд иқтисодиёти онро баланд бардоранд.

Вале дар ҷумҳурӣ дар роҳи инкишофи ҳаёти иқтисодии навин камбудӣ ва душвориҳо вуҷуд доранд. Аз ҷумла, танҳо 7 фисади масоҳати Тоҷикистонро замин ташкил дода, роҳҳои бароммад ба хориҷ ҳанӯз маҳдуд мебошанд. Ҷанги бародаркуш низ ба гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ халали калон расонд.

Дар рафти тартиб додани барномаи ислоҳоти иқтисодӣ хусусиятҳои хоси ҷумҳурӣ ба назар гирифта шуданд. Ин хусусиятҳо аз омилҳои зерин иборат мебошанд: дар Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои Шӯравӣ дида даромади миллӣ бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ ҷавобгӯ набуд; дар ҷумҳурии кӯҳсори мо роҳҳои оҳан маҳдуд ва нақлиёти автомобилгард низ талаботро қонеъ гардонида наметавонист; набудани роҳҳои дурусти нақлиёт, кӯҳҳои баланд ба Тоҷикистон имконият намедод, ки бо давлатҳои хориҷӣ савдои мӯътадил барад; боигарии зеризаминии ҷумҳурӣ, аз ҷумла нафт, газ, ангиштсанг, руда дар чуқуриҳои дастнорас ҷойгир шуда, барои истифодаи он техникаи махсус лозим буд ва ғайра.

Сарфи назар аз мушкилиҳо дар роҳи пешрафти ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ имконият ва афзалиятҳо вуҷуд доранд. Масалан, дар Тоҷикистон захираи хеле зиёди истеҳсоли барқ вуҷуд дошта, барои обшор намудани заминаҳои бекорхобида, лалмӣ низ имкониятҳо ҳаст. Истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва рӯзҳои офтобӣ низ метавонад ба пешравии иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбӣ расонад. Ҳамин тавр, захираҳои калони табиӣ имконият медиҳанд, ки дар Тоҷикистон саноати сабуку вазнин тараққӣ карда, кишоварзӣ на танҳо талаботи аҳолиро бо хӯрока таъмин намояд, балки маҳсулотро ба кишварҳои хориҷӣ барорад.

Дар ибтидои солҳои 90-ум барномаи тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, бо фаро расидани давраи осоиштагӣ ӯ такмил ёфта дар асоси инкишофи муносибатҳои бозоргонии танзимшаванда амал мекунад. Ҳангоми тартиб додани барнома таҷрибаи байналхалқӣ истифода гардида, хусусиятҳои хоси инкишофи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба назар гирифта шудааст.

Натиҷаи татбиқи барнома, рафти ислоҳоти иқтисодӣ мунтазам дар ҷаласаҳои ҳукумат, дар Паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлисҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, барои беҳбудии он тағйиротҳо дохил карда мешаванд.

Иқтисодиёти бозоргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои хос буда, ба меҳнати озод, эҳтироми моликият, кафолати ҳуқуқи иҷтимоӣ, тамоюл ба манфиати ҷамъият, соҳибкории озоду рақобати одилона асос ёфтааст.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ шаклҳои гуногуни моликият: шахсӣ, колективӣ ва давлатӣ вуҷуд дорад. Ҷумҳурӣ тавонист пули миллии худро ҷорӣ намуда, хусусигардонии амвол ва бозори пулиро ташкил диҳад. Дар Тоҷикистон аз соли 1991 то 2005 8,5 ҳазор амволи давлатӣ шахсӣ кунонида шуд. Қоидаҳои нави гумрукӣ ва ҳавасмандии моддии шаҳрвандон оиди истеҳсоли маҳсулот амалӣ гардида истодааст. Як гурӯҳ инвестерҳои хориҷӣ сармояи худро ба инкишофи саноати ҷумҳурӣ гузошта, дар истеҳсоли тиллои Панҷакент, маҳсулоти абрешимии Хуҷанд ва ғайра ширкат меварзанд.




*Ағбаи Кулма*

Ҳамин тавр, самтҳои асосии стратегияи иқтисодии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои ибтидои асри XXI муайян гардидааст. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурӣ Э.Ш. Раҳмонов сохтмони ГЭС-и Сангтӯда, Роғун, Помир 2, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, роҳи мошингарди Кӯлоб-Кулма-Қарокурум пеша шудааст ва пурра ба кор даромадани онҳо ҷумҳурии соҳибистиқлоламонро дар қатори давлатҳои мутараққӣ хоҳад гузошт.

Дар асоси Барномаи ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ ва барқ Тоҷикистон бояд истиқлолияти комил ба даст дарорад.

Баҳри амалӣ гардидани ислоҳоти иқтисодӣ, мақоми бонкҳо низ афзуда, сохтори он такмил ёфта истодааст. Ҳоло дар баробари Бонки миллии Тоҷикистон, «Амонатбанк» чандин бонкҳои саҳҳомӣ ташкил гардида, барои пешрафти ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ кӯмаки амалии худро мерасонанд. Бонкҳои саҳҳомии «Агроинвестбонк», «Ориёнбонк», «Тоҷикпромбонк» ва «Тоҷиксодиротбонк» хусусан ба хоҷагиҳои соҳибкории хурд ва калон кӯмаки пулии худро саривақт расонда, барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва ба савдо баровардани он хизмат мекунанд.

Баъди хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор гардидани сулҳ, ваҳдат дар ҷумҳурӣ бонкҳои хориҷӣ низ кӯмаки худро дар татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ – иҷтимоӣ расонда истодаанд. Масалан, соли 2005 танҳо Бонки рушди Осиёгӣ ба Тоҷикистон 20 миллион доллар барои тараққиёти иқтисодиёт ҷудо намуд.

Дар роҳи татбиқи барномаи иқтисодӣ гузаронидани ислоҳоти пулӣ, хусусан ҷорӣ намудани пули миллӣ (соли 1995) таъсири мусбӣ расонд.

Яке аз роҳҳои татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва пешрафти хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин инкишофи соҳибкории хурд ва миёна мебошад. Хусусан Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 1996 ва 20 феврали 1998 «Дар бораи аз тарафи давлат дастгирӣ ёфтани соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои инкишоф ва татбиқи барномаи иқтисодиёти мамлакат то соли 2015 таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

**Сиёсати иқтисодӣ-хориҷии ҷумҳурӣ**

Ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон зарбаи калон расонд, бинобар он бе сармоягузории хориҷӣ наметавонем хоҷагиро барқарор ва аз ҷиҳати тараққиёт ба мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон расида гирем. Хусусан барои истеҳсол ва харида гирифтани техникаи ҳозиразамон, технологияи пешқадам маблағи калон лозим буд. Хушбахтона, дар ҳалли амалии ин масъала зери сарварии Президенти Ҷумҳур Э.Ш. Раҳмонов дар тӯли зиёда аз 10 сол дар кишвар бо ёрии созмонҳои байналхалқӣ корҳои муфид ба сомон расонда шуда истодаанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 омадааст: «Рушди иқтисодиёти ин ё он кишвар бе ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ғайриимкон буда, тамоми давлатҳои ҷаҳон, сарфи назар аз сатҳи тараққиёташон, барои рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз қарзҳои дохилию хориҷӣ истифода мебаранд.»

Дар қисмати сиёсати бозоргонии хориҷӣ ва ҳалли амалии он аллакай таҷрибаи муфид ба даст омадааст. Ҳоло зарур аст, ки барои азнавсозии иқтисодиёти миллӣ ба ҳаллу фасли масъалаҳои зерин диққат диҳем: а) барои вориди арзи хориҷӣ аз нигоҳи маданияти баланди хоҷагидорӣ ташкил намудани содироти ашёи хом; б) дар якҷоягӣ бо инвестерҳои хориҷӣ оқилона истифода кардани бойигарии табиии ҷумҳурӣ; в) аз нигоҳи илмӣ пеш бурдани сиёсати савдои хориҷӣ ва барои фурӯхтани маҳсулоти ҷумҳурӣ пайдо намудани бозори қулай дар он кишварҳо; г) мунтазам беҳтар намудани сифати маҳсулоти истеҳсол мешуда, то ки дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ ба фурӯш рафта арзи калон барои пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ орад.

Барои амалӣ гаштани стратегияи сиёсати бозоргонии хориҷӣ чандин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ», «Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳамчунин як қатор қарорҳои Ҳукумат ва фармонҳои Президенти Ҷумҳур бароварда шудаанд, ки онҳо барои рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат карда истодаанд.

Дар табрикномаи Президенти Ҷумҳур Э.Ш. Раҳмонов ба муносибати соли нави 2003 қайд шудааст, ки барои пешрафти мамлакат сиёсати дарҳои кушод пеш гирифта мешавад. Тибқи чунин сиёсат оид ба амалӣ гардидани барномаи стратегии иқтисодиёти бозоргонии хориҷӣ аллакай корҳои судманд гузаронида шуданд, ки натиҷаи дилхоҳ дода истодааст. Бо Тоҷикистони соҳибистиқлол 72 мамлакатҳои ҷаҳон робитаи тиҷоратӣ – иқтисодӣ доранд, ки аз инҳо 11 мамлакати хориҷии наздик ва 61 кишвари хориҷии дурро ташкил медиҳанд.

Соли 2003 муомилоти савдои хориҷии Тоҷикистон ба назардошти нерӯи барқ ва гази табиӣ 1 млрд. 679 млн. доллари амрикоиро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2002-ум 15% зиёд аст.

Ҳоло содироти асосии захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистонро алюминий, пахта ва маҳсулоти коркарди он, та-

моку, пиллаи хом ташкил медиҳад. Солҳои минбаъда номгӯи маҳсулоти содироти Тоҷикистон сол аз сол зиёд хоҳад гашт.

Агар мамлакатҳои хориҷии дур – дар соҳаи содироти мол афзалият дошта бошанд, давлатҳои ИДМ дар соҳаи воридоти мол бартарӣ доранд. Ба ҳар ҳол мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҳавзаи муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла дар пешбурди соҳаи савдои хориҷӣ, ба ҳисоб мераванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи апрели соли 2006 баргузор гардида буд, вазифаҳои стратегии ислоҳоти иқтисодии мамлакат барои соли 2006-ум ва минбаъд ба тарики мушаххас баён ёфтаанд. Татбиқи ин вазифаҳо иқтидори иқтисодӣ, ҳаёти фарҳангии кишварамонро пурқувват намуда, сатҳи камбизоатиро паст хоҳад кард.

## 3. САНОАТ ВА КИШОВАРЗӢ

**Вазъи саноати ҷумҳурӣ**

Ҷанг инчунин ба соҳаи саноати ҷумҳурӣ зарари калон расонд. Он муваффақияте, ки Тоҷикистон солҳои 60-80-ум дар соҳаи саноат ба даст даровада буд, коста шуд. Бинобар он ба Ҷумҳурии соҳибистиқлол лозим омад, ки дар соҳаи саноат пеш аз ҳама корҳои зеринро ба сомон расонад: аз нав барқарор намудани заводу фабрикаҳои азкорбаромада; ба кор андохтани корхонаҳое, ки бо сабаби набудани ашёи хом ва фирор кардани мутахассисон ба дигар шаҳру кишварҳо, истеҳсоли маҳсулотро қатъ гардонида буданд.

Дар мағозаю бозорҳои ҷумҳурӣ дар ибтидои солҳои 90-ум хусусан маводи хӯрока, маҳсулоти саноати сабук, сӯзишворӣ, масолеҳи бинокорӣ ва ғайра намерасид. Бинобар он ба Тоҷикистон лозим омад, ки ин маводро аз кишварҳои хориҷии дуру наздик пайдо намояд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳамон вақт соҳибистиқлолии давлат таъмин мегардад, агар дар дохили кишвар истеҳсолоти молҳои саноатӣ ба роҳ монда шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон боигарӣ ва захираҳои табиии зиёд дорад, бинобар он метавонад саноати сабук ва вазнинро тараққӣ диҳад. Аз ин лиҳоз, дар Барномаи тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ то соли 2015 ба инкишофи саноат диққати махсус дода шудааст.

Бо фарорасии ҳаёти осоишта дар Тоҷикистон саноат дар ду сектор: давлатӣ ва ғайридавлатӣ инкишоф меёбад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 1048 корхонаҳо амал мекунанд. Аз он ҷумла, дар сектори давлатӣ – 289, ҷамъияти саҳҳомӣ – 83, корхонаҳои хусусӣ – 23. Танҳо дар сектори ғайридавлатӣ 759 корхонаҳои хурду калон фаъолият мекунанд.

Бояд қайд кард, ки сол аз сол истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар сектори ғайридавлатӣ зиёд шуда истодааст. Агар соли 1999 саноати сектори ғайридавлатӣ 22,8 фисадро ташкил диҳад, пас соли 2004 вай ба 41,8 фисад расид.

Ҳамин тавр, суръати истеҳсоли маҳсулот дар сектори ғайридавлатӣ баландтар буда, ҳиссаи сектори ҷамъиятӣ сол аз сол паст мегардад.

Дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон соҳаҳои зерини саноат: электроэнергетика, сӯзишворӣ, металлургияи ранга, саноати сабук, хӯрокворӣ, масолеҳи бинокорӣ, кимёю нафт, мошинсозӣ ва коркарди филизот, саноати ҷангал, коркарди чӯбу тахта ва селлюлозаю қоғаз, шиша, фарфор ва зарфҳо, орду ярма, хӯроки омехтаи чорво ва дигар соҳаҳо инкишоф ёфта истодаанд.

Дар тӯли 15-соли соҳибистиқлолӣ саноат эҳё ва инкишоф ёфта, бештари корхонаҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Турсунзода, Қӯрғонтеппа, Истаравшан, Кӯлоб, Конибодом, Ёвон, Исфара, Панҷакент, Норак, Ҳисор, Мастчоҳ ва ғайра амал мекунанд.

### Ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ

Бо кӯмак ва дастгирии давлатҳои тараққикарда: Россия, Англия, Япония, Кореяи ҷанубӣ, хусусан ҷумҳуриҳои Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил (ИДМ) Тоҷикистон дар ду самт саноати худро инкишоф медиҳад. Аз як тараф, заводу фабрикаҳои амалкунанда бо техникаи нав, технологияи пешқадам таъмин гардида, аз тарафи дигар корхонаҳои нав, стансияҳои барқии бузург бино шуда истодаанд. Масалан, бо кӯмаку дастгирии Кореяи ҷанубӣ комбинати шоҳибофии ш. Хуҷанд бо дастгоҳҳои нав таҷҳизонида шуда, маҳсулоти абрешимии баландсифатро истеҳсол мекунад. Бо туфайли фаъолияти корхонаҳои муштараки Тоҷикистону Британия Кабир оиди истеҳсоли тиллои Зарафшону Дарвоз, Тоҷикистону Америка «Оби-Зулол», Тоҷикистону Кипр «Тоҷиказот» ва ғайра сол аз сол даромаднокии ҷумҳурӣ афзуда истодааст.

Барои инкишофи саноати калон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузории инвеститсияҳои хориҷӣ мӯҳтоҷ аст. Соли 2005 захираи умумии сармоягузории амалкунандаи хориҷӣ, ки дар Тоҷикистон азхуд карда мешавад, 1 миллиарду 400 миллион сомониро ташкил дод. Дар натиҷаи пеш гирифтани сиёсати дурусти хориҷӣ Тоҷикистон имконият пайдо карда истодааст, ки саноат, алалхусус корҳои сохтмониро ривоҷ диҳад. Дар айни ҳол Россия барои корхонаҳои калон, аз ҷумла сохтмони ГЭС-ҳои Роғун, Сангтӯда, заводи алюминӣ дар водии Вахш ва дигар объектҳои саноатӣ: кимё, металлургия, мошинсозии Тоҷикистон маблағҳои калон ҷудо карда, аз соли 2006-ум сар карда, суръати корро афзун хоҳад кард.



*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ва Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин дар маросими расмии имзои созишномаҳои дуҷониба*

Дар навбати худ Тоҷикистон барои пешрафти саноати металҳои ранга, кимё (алюминий, сурб, рух, симоб) ва бофандагии Россия кӯмаки амалӣ мерасонад. Аз Россия бошад Тоҷикистон барои комплекси агросаноатии худ мошинаҳо, трансформаторҳои пуриқтидор, таҷҳизоти технологӣ гирифта истодааст.

Ҷумҳурии Исломии Эрон (ҶИЭ) низ саҳми амалии худро дар ба охир расонидани тунели Анзоб гузошта, тасмим гирифтааст, ки дар дигар объектҳои саноатии Тоҷикистон низ кӯмаки иқтисодӣ – техникии худро расонад.

Ёрии амалии давлати Чин дар барпо кардани корхонаҳои саноатӣ, стансияҳои барқӣ, хусусан, барои сохтмони шоҳроҳҳои мошингарди Тоҷикистон сол аз сол афзоиш меёбад.



*Президент Э.Ш. Раҳмонов бо Аълоҳазрат Ҳизиримом Огохони IV*

Дар эҳё ва инкишофи саноат, сохтмонҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, инчунин, Фондҳои гуногуни хориҷӣ саҳм доранд. Чунончӣ Фонди Карим-ал-Ҳусайн Оғохони IV дар сохтани корхонаҳои хурд ва роҳҳои мошингард, хусусан дар шароити ноҳияҳои кӯҳистон ёрии амалӣ расонида, аллакай дар Помир пул ба кор даромад, ки вай муносибати савдоӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро бо Афғонистон беҳтар мекунад.

**Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ**

Бо туфайли ба кор даромадани корхонаҳои кӯҳна ва нави саноатӣ сол аз сол таъмини шаҳрвандон бо маводи саноатӣ беҳтар шуда, сатҳи зиндагии онҳо баланд мегардад. Ҳоло корхонаҳои саноатӣ маҳсулоти зеринро истеҳсол мекунанд: маснуоти нассоҷӣ, пойафзол, пластмасса ва маснуоти он, маснуот аз санг, гулгаҷ, маҳсулоти растанӣ, молҳои гуногуни озуқаворӣ, саноати сабук ва ғайра. Сол аз сол миқдор ва сифати истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ беҳтар ва бештар мегардад. Чунончӣ, агар соли 1999 дар ҷумҳурӣ ба миқдори 225,0 миллион сомонӣ молҳои истеъмолӣ истеҳсол шуда бошад, пас соли 2004-ум маҳсулоти истеҳсолшудаи истеъмолӣ ба 967,8 миллион расид.

Дар Тоҷикистон саноати металгудозӣ инкишоф ёфта, заводи алюминии шаҳри Турсунзода дар байни корхонаҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷои дуюмро ишғол менамояд.

Ба кор даромадани кони гази Хоҷа Сартез ва истифодаи гази табиии Бештентак то як андоза талаботи мардуми минтақаи Кӯлобро бо сӯзишвори беҳтар намуд. Истифодаи кони газу нафти Хоҷабоқиргон низ сатҳи зиндагии шаҳрвандони вилояти Суғдро баланд ҳоҳад кард. Дар ҷумҳурӣ корҳои мушаххас оид ба истиқлолияти энергетикӣ шуда истодааст. Хусусан баъд аз соли 1997 даҳҳо нерӯгоҳҳои хурди барқӣ ва ҳатти нерӯи барқии Боткенти Қирғизистон ва Конибодом ба кор даромаданд.



*Заводи алюминии шаҳри Турсунзода. Сехи электролизӣ*

Ба кор даромадани чандин корхонаҳои муштараки саноатӣ, аз ҷумла «Абрешим» бо Италия, «Кабоол-Тоҷиктекстайл» бо Корея, «ВТ-Силк» бо Въетнам ва ғайра, ки маҳсулоти ба талабо-

ти меъёри бозорӣ ҷавобгӯ истеҳсол мекунанд, ба сатҳи зиндагии шаҳрвандонамон таъсири мусбӣ расонд.

Дар ҷумҳурӣ бо суръати баланд роҳҳои оҳан ва автомобилгарди нав ба кор даромада ба тараққиёти хоҷагии халқ мусоидат карда истодаанд. Суръати истеҳсоли маҳсулот дар сектори ғайридавлатӣ низ сол аз сол зиёд шуда истодааст. Хусусан, татбиқи Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов аз 8 апрели соли 1996 «Дар бораи аз тарафи давлат дастгирӣ намудани фаъолияти соҳибкории хурд» ва аз 20 феврали соли 1998 «Дар бораи дидани чорабиниҳо аз тарафи давлат оид ба тақвият додани соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», истеҳсоли маҳсулотро зиёд ва рақобатро дар бозори матлубот пурзӯр карда, шаклҳои хизматрасониро беҳтар гардонида, ҷойҳои нави кориро муҳайё намуд. Масалан, соли 2000-ум дар Тоҷикистон 14,8 ҳазор нафар шаҳрвандонамон дар 1342 корхонаи хурд фаъолият мекарданд. Як қисми онҳо, яъне 38,5 фисади ин корхонаҳо, дар соҳаи савдо ва таъминот фаъолият мекарданд.



*Духтарон ҳангоми сӯзанидӯзӣ*

Бо туфайли соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон торафт саноати маҳаллӣ, хусусан ҳунарҳои халқӣ инкишоф ёфта истодааст. Дар намоишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва байналхалқӣ шаҳрвандонамон маҳсулоти истеҳсол кардаашон: сӯзанӣ, бозичаҳои аз гил сохташуда, кулоҳҳои тоҷикӣ, ҷуробҳои пашмин, матоҳои атлас, кандакорӣ ва ғайраро пешниҳод намуда, бо ҷоизаҳо мушарраф мегарданд.

Мутаассифона, дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ душворӣ ва камбудиҳо вуҷуд доранд. Ҳанӯз сифати маҳсулот чӣ дар сектори давлатӣ ва чӣ ғайридавлатӣ беҳбудиро мехоҳад. Тамоюли паст рафтани соҳаи мошинсозӣ, истеҳсоли маҳсулоти ҷангал, ҷӯббарорӣ, кимё ва сохтмонӣ ташвишовар мебошад. Чунончӣ, агар ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар соли 1991 – 96,4 фисадро ташкил диҳад, пас соли 2004 ба 64,0 фисад расид. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар соҳаи электроэнергетика инкишоф ёфта, соли 2004 истеҳсоли барқ 125,3 фисадро ташкил намуд.



*Комбинати қолинбофии Қайроққум*

Азбаски ҳанӯз саноати ҷумҳурӣ талаботи аҳолиро бо маҳсулоти гуногуни баландсифат таъмин карда наметавонад, бинобар он воридоти молҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда истодааст. Агар ҳаҷми умумии воридот дар соли 1991 – 63,2 миллион долларо ташкил диҳад, пас соли 2004 вай ба 1 миллиарду 191,3 миллион доллар расид.

Тоҷикистони соҳибистиқлол нақшаи содироти молро иҷро намуда, соли 1991 ба миқдори 67,9 миллион доллар ва соли 2004-ум бошад, онро ба 914,9 миллион доллар расонд. Хусусан гурӯҳҳои зерини молҳо: маҳсулоти растанӣ, маъданӣ, нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ, филизоти арзонбаҳо бештар бароварда шуд.

Маълум аст, ки бе ҳалли масъалаи кадрҳои баландихтисос саноат ҳаматарафа инкишоф ёфта наметавонад, бинобар он бидуни мушкилиҳо дар солҳои соҳибистиқлолӣ тайёр намудани муҳандисон, техникҳо ва коргарон қатъ нагардидааст. Агар соли 1991 дар саноат 215,4 ҳазор кормандон кор кунанд, пас соли 2004 онҳо 87,2 ҳазорро ташкил медоданд. Сабабҳои кам шудани кормандон тасодуфӣ набуда, омилҳои объективӣ ва субъективии худро дорад. Аввалан, дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ як қисми кормандон ба кишварҳои хориҷӣ кӯч баста, бо сабаби вайрон ва аз кор мондани заводу фабрикаҳо ихтисоси худро тағйир доданд. Қисми дигари кормандони ҷавон барои кор ба Федератсияи Русия ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳиҷрат намудаанд.

Хушбахтона, рӯз аз рӯз бо оғози корҳои сохтмонӣ ва ба кор даромадану васеъ шудани истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ ҷойҳои кор пайдо шуда истодааст. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки тоҷикписарони дар муҳоҷират буда метавонанд ба Ватан баргашта, саҳми худро баҳри тараққиёти минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистони азиз гузоранд.

Яке аз омилҳои пешрафти саноат ва умуман ҳаёти иқтисодӣ ин мубодилаи таҷрибаи пешқадам мебошад. Бо ин мақсад дар

ҷумҳурӣ торафт ҳаргуна маҳфилҳои омӯхтани таҷрибаи пешқадам, даъват намудани мутахассисони пуртаҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва ғайра гузаронида мешавад. Ҳоло дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд мактабҳои таҷрибаи пешқадам барои соҳибкорон амал мекунад, ки вай натиҷаи дилхоҳ дода истодааст.

Солҳои охир ташкил намудани намоишгоҳҳои байналхалқии маҳсулоти саноатӣ ва сохтмон дар пойтахти ҷумҳурӣ ш. Душанбе низ аз аҳамият холӣ нест.

Бо туфайли ғамхории Ҳукумати ҷумҳурӣ ва корнамоии меҳнатии шаҳрвандонамон дар соҳаи саноат низ муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шудааст. Дар Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба муносибати 14-умин солгарди рӯзи истиқлолияти давлатӣ қайд гардидааст, ки «Дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳои судманд аз соли 1997 на танҳо таназзули иқтисодиёт бозд0шта шуд, балки барои рушди муназзам ва устувори он заминаи боэътимод фароҳам омада, афзоиши тадриҷии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ таъмин гардид».

**Кишоварзӣ дар ҷумҳурии соҳибистиқлол**

Дар ҳалли масъалаҳои аграрӣ Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон сол аз сол тадбирҳои судманд меандешад. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов аз 9 октябри соли 1995 «Дар бораи ҷудо кардани 50 ва 25 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шаҳрвандон», ба афзун гардидани маҳсулот дар хоҷагиҳои деҳқонон кӯмак расонд. Чунин тадбир натиҷаҳои дилхоҳ дод, ҷумҳурӣ ҳоло аз кишварҳои хориҷ қариб ғалла нахарида, бозори дохилии мамлакатро бо сабзавоту меваи худ таъмин карда истодааст.

Ба истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ва инкишофи он қабули қонунҳо «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи пул супоридан барои замин», «Дар бораи шахсикунонии моликияти давлатӣ ва аз нав ташкил кардани хоҷагиҳо» таъсири мусбӣ расониданд. Хусусан, баъд аз соли 1995, вақте ки масъалаҳои шахсикунонӣ ва аз нав ташкил намудани хоҷагиҳо дар асоси қонунҳои ҷумҳурӣ ба амал омад, сифат ва миқдори маҳсулоти кишоварзӣ зиёд гардид. Имрӯз дар деҳот ба ғайр аз колхозу совхозҳо ассотсиатсияи иҷорагирон, ҷамъиятҳои аксионерӣ, хоҷагиҳои иҷоравӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои коллективии коркарди маҳсулот ва дигар намудҳои

хоҷагидорӣ сол аз сол зиёд шуда, ҳавасмандии деҳқонро таъмин карда истодааст.



*Тойҳои пахта дар вилояти Хатлон* 9

Дар ҷумҳурӣ сохтори муайяни истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ташаккул ёфтааст. Соли 2005 ин сохтор 23,5 ҳазор хоҷагиҳои гуногун, аз он ҷумла: 80 колхоз, 120 совхоз, 175 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), 3188 хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ, 140 кооперативҳои истеҳсолии кишоварзӣ, 44 ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, 19416 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), 122 хоҷагиҳои ёрирасони корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ, 8 агрофирма, 13 корхонаи иҷоравӣ ва 6 муассисаи байнихоҷагиро дарбар гирифт.

Бо туфайли фаъолияти чунин сохтор дар мамлакат аллакай соли 1996 ба қафомонии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ хотима дода шуд ва хусусан аз ибтидои асри XXI ҳарсола ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот афзуда истодааст. Агар соли 2000 афзоиши маҳсулот нисбати соли 1999-3,8 фисадро ташкил дода бошад, пас соли 2001-11, 2002-15, 2004 ба 11,3 фисад расид. Чунин афзоиши маҳсулот бозорҳои ҷумҳуриро бо маҳсулоти кишоварзӣ ғанӣ гардонда, сатҳи зиндагии шаҳрвандамонро сол аз сол беҳтар мекунад.

Табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои хос ва барои инкишофи кишоварзӣ хуб мебошад. Дар ҷумҳурӣ гуруҳҳои замин истифодабарандагон гуногун буда, намудҳои зерини замин: мазраъ, чарогоҳҳо, дарахтони бисёрсола, боир, алафдаравҳо вуҷуд доранд. Соли 2004 дар Тоҷикистон фонди умумии замин 14254,4 ҳазор гектарро ташкил дод, вале ҳанӯз ҳам истифодаи он нокифоя мебошад.

Мувофиқи Барномаи тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ то соли 2015 ба инкишофи соҳаҳои зерини кишоварзӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ, паррандапарварӣ, боғдорию сабзавоткорӣ, растанипарварӣ ва асалпарварӣ бештар диққат дода мешавад.

Яке аз соҳаи муҳими хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ пахтакорӣ мебошад. Ҳоло Тоҷикистон ба бозорҳои ҷаҳонӣ ашёи

хоми пахтаро ба фурӯш баровардa, аз ҳисоби он буҷаи мамлакатро ғанӣ карда истодааст. Соли 2004 дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидорӣ 557,0 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда шуд. Ҷумҳурӣ тасмим гирифтааст, ки сол аз сол истеҳсоли пахтаро бештар намояд.

Баҳри татбиқи нақшаҳои кишоварзӣ Ҳукумати Тоҷикистон чорабиниҳои мушаххас дида истодааст. Аз он ҷумла, хоҷагиҳо соҳиби техника ва технологияи пешқадами зироаткорӣ гардида, талаботи онҳо рӯз аз рӯз бо нуриҳои минералӣ, доруворихо ва кадрҳои баландихтисос таъмин шуда истодааст. Солҳои охир баҳри баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ диққати махсус дода мешавад.

Табиати ҷумҳурӣ барои инкишоф додани чорводорӣ хеле мувофиқ мебошад. Вобаста ба шароити кӯҳистон навъҳои хоси чорво тараққӣ дода мешавад. Масалан, барои Бадахшони Кӯҳӣ, аз ҷумла дар ноҳияи Мурғоб, қутоспарварӣ қулай аст.



*Галаи қутосҳо дар чарогоҳи Мурғоб*

Хушбахтона, ҳоло дар ҷумҳурӣ гусфанди ҳисорӣ ва дигар навъҳои чорвои пурсамари гӯшту пашм диҳанда эҳё ва инкишоф ёфта истодааст.

Маълум аст, ки фисади бештари аҳолии ҷумҳурӣ, аз ҷумла насли наврас, дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва аз тарбияи меҳнатии онҳо ичроиши барномаи стратегии соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад.

Барои пешрафти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ рӯз аз рӯз тадбирҳои судманд андешида мешаванд. Бо туфайли пеш гирифтани сиёсати хирадмандона Ҳукумати Тоҷикистон тавонист инвеститсияҳои мамлакатҳои хориҷии дуру наздикро ба эҳё ва инкишофи кишоварзӣ ҷалб намояд. Дар ин бора инкишофи фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) ноҳияҳои кӯҳистони ҷумҳурихоямон шаҳодат медиҳад. Масалан, Агроаксияи Германия кишоварзии водии Зарафшонро ба шефӣ гирифта, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ истеҳсоли картошка, ғаллаи

серҳосилро ҷорӣ намудааст. Агроаксия мунтазам ба деҳқонон олоти истеҳсолӣ ва тухмии растаниҳои сифаташон баландро бе пул тақсим карда медиҳад. Ин тадбирҳо дар ҷумҳурӣ ба баланд гардидани сатҳи зиндагии шаҳрвандон мусоидат карда истодаанд.

## 4. МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ТАНДУРУСТӢ ДАР ҶУМҲУРӢ

**Вазъи иҷтимоиёт дар мамлакат**

Бояд қайд кард, ки бар асари бӯҳрони иқтисодӣ ва оқибати ҷанги шаҳрвандӣ сатҳи иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дараҷаи пасттарин меистод. Дар ин бора пеш аз ҳама низоми воридоти буҷети давлатӣ шаҳодат медиҳад. Агар соли 1992 буҷети давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ 19,9 фоизро ташкил диҳад, соли 2000-ум 2,2 фоизро ташкил медод, яъне ӯ беш аз 10 маротиба кам шуд. Хусусан таъминоти иҷтимоии соҳаҳои фарҳанг, маориф, илм, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриятҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳи пастарин меистод. Бештар аз 1 миллион аҳолӣ дар дараҷаи пасти зиндагӣ истода, ба кӯмаки моддӣ эҳтиёҷот доранд.

Бо мақсади ҳаллу фасли муаммоҳои бахши иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ сиёсати илмии баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон амал мекунад. Баҳри татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ҳоло ба ҳаллу фасли проблемаҳои зерин диққат дода мешавад: а) пайдарҳам баланд бардоштани сатҳи зиндагии эҳтиёҷмандон: нафақахӯрон, оилаҳои нопурра, серфарзанд, камбизоат, беҳтар намудани вазъи моддии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ; б) бо ҷойҳои кор таъмин намудани шаҳрвандон, хусусан ҷавонон ва занон; в) мунтазам баланд бардоштани музди меҳнат.

Барои ҳалли ин масоил аллакай чандин корҳо ба сомон расонда шуда истодаанд. Солҳои 2001-2004 аз панҷ як ҳиссаи аҳолии кишварамон, яъне 1,2 миллион нафар, аз доираи камбизоатӣ бароварда шуданд. Оид ба бахши ҳимояи иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ кӯмакхарҷӣ, яъне таъини ҷубронпулӣ ба камбағалон, мунтазам баланд бардоштани ҳаҷми нафақаи пулӣ ва ба маъюбон, ветеранҳои ҷангу меҳнат расонидани ёрии доимии моддӣ амал мекунад. Хусусан аз тарафи давлат ва сарпарастон ба шефӣ гирифта шудани хонаҳои кӯдакони бепарастор, мӯйсафедони бекас ва сари вақт расонидани ёрии моддӣ ва маънавӣ аз ҳар ҷиҳат натиҷаи дилхоҳ дода истодааст.

Дар роҳи баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва таълиму тарбияи насли наврас сиёсати демографии ҷумҳурӣ мусоидат намуда истодааст. Хусусан ба низом даровардани таваллуди кӯдакон дар шаҳру деҳот натанҳо ба саломатии модарон, балки инчунин ба беҳтар гардидани сифати таълиму тарбияи кӯдакон мадад хоҳад расонд.

Маълум аст, ки оиди шугли аҳолӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз муаммоҳо вуҷуд доранд. Дар рафти аз иқтисодиёти барномавӣ ба иқтисодиёти бозоргонӣ гузаштан ва дар давраи гузариш аз кор мондани заводу фабрикаҳо ва хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ шумораи хеле зиёди аҳолӣ бекор монда, ба Россия ва дигар ҷумҳуриҳои ИДМ рафтанд. Аз рӯи маълумотҳои нашр гардида то 1 миллион шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар он кишварҳо кор карда, ба оилаҳои худ кӯмакӣ моддӣ расонда, устувории вазъият ва оромиро дар Тоҷикистон таъмин карда истодаанд.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ оиди ҳаллу фасли ин муаммо тадбирҳои судманд андешида шуда, аз инвеститсияҳои хориҷӣ низ самаранок истифода бурда, ҷойҳои нави корӣ ташкил намуда, сатҳи камбизоатӣ паст шуда истодааст.

Татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ барои сол аз сол баланд гардидани музди меҳнат, яъне маоши шаҳрвандонамон мусоидат карда истодааст. Дар мамлакат соли 2002 маоши миёнаи номиналӣ 32,55 сомониро ташкил дод. Хушбахтона, солҳои охир дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ моҳона баланд гардида 63,64 сомониро ташкил дод.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи самаранок истифода бурдани буҷаи давлатӣ ва инвеститсияҳои хориҷӣ истеҳсолот дар мамлакат ривоҷ ёфта, бо туфайли ёрии башардӯстонаи ташкилотҳои байналхалқӣ сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол зина ба зина беҳтар шуда истодааст.

**Дар роҳи инкишофи тандурустӣ**

Маълум аст, ки тандурустӣ ба яке аз шаклҳои хизматрасонии иҷтимоӣ мансуб буда, дар даврони Шӯравӣ ба дараҷаи баланди худ расида буд. Вале ҷанги шаҳрвандӣ ва тағйир ёфтани сохтори нави давлатӣ ба ислоҳоти соҳаи тандурустӣ низ таъсири худро расонд. Дар давраи гузариш сарфи назар аз душвориҳои иқтисодӣ, техникӣ, кӯч бастани мутахассисони пуртаҷриба, камбудиҳои соҳаи тандурустӣ торафт паси сар шуда, ҳифзи сиҳатии шаҳрвандонамон рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст.

Дар моддаи 38 Конститутсияи ҷумҳурӣ чунин омадааст: «Ҳар як шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм тадбирҳо меандешад.

Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад.»



*Истироҳатгоҳи Хоҷа-Оби гарм*

Ҳоло дар ҷумҳурӣ оид ба тандурустии шаҳрвандон дар самтҳои зерин тадбирҳо андешида шуда истодаанд: аз нав барқарор намудани табобатхонаҳои дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ харобшуда; бо техникаи навтарин ҷиҳозонидани табобатхонаҳо; аз кишварҳои хориҷ ворид кардани беҳтарин доруворӣ ва дар дохили мамлакат ба роҳ мондани истеҳсоли онҳо; тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва ташкили такмили савияи дониши онҳо дар ҷумҳурӣ ва берун аз он; эхё, инкишоф ва самаранок истифода бурдани тибби халқӣ; аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд кардани кормандони соҳаи тиб. Танҳо дар тӯли солҳои 2000-2004-ум 301 иншооти тандурустӣ таъмир, бунёд ва бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин карда шудаанд. Соли 2004-ум дар ҷумҳуриамон 109 муассисаи нави тандурустӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба такмили сохтори тандурустӣ ва самаранокии фаъолияти он барои беҳтар намудани саломатии шаҳрвандон диққати махсус дода мешавад. Бо туфайли кӯмаки амалии созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон базаи моддӣ-техникии табобатхонаҳо хубтар гардида, торафт хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ беҳтар мегардад. Солҳои охир хидмати тибби оилавӣ ташкил ёфт. Ҳоло дар ҷумҳурӣ бештар аз 400 нафар духтурони ин соҳа сарбаландона дар хайси табиби оилавӣ кор мекунанд. Самараи кори духтурони оилавӣ мусбӣ буда, бо дастгирии идораҳои тиббии ҷумҳурӣ ва кӯмаки моддии созмонҳои байналхалқӣ ин шакли хизмати тиббӣ торафт инкишоф ёфта истодааст.



*Доктори илми тиб, профессор Ш.Ф. Раҷабалиев*

Имрӯз дар ҷумҳурӣ дар қатори табибони таҷрибанок як зумра олимон, духтурони соҳаи саломатии мардум ба камол расидаанд, ки номи онҳо дар арсаи байналмилалӣ торафт маълум ва машҳур шуда истодаанд. Дар ин соҳа саҳми Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино калон аст. Дар донишгоҳ чунин устодон ба монанди докторони илми тиб, профессорон, Н.У. Усмонов, Ш.Ф. Раҷабалиев, Ф.А. Абдураҳмонов, Н.Ҳ. Ҳомидов, К.М. Қурбонов, М.Қ. Рафиев, Ҷ.Р. Сангинов, С.М. Аҳмадов ва дигарон ба донишҷӯён дарс гуфта дар табобатхонаҳо ба беморон шифо мебахшанд.

Яке аз устодони варзидаи ҷумҳурӣ, доктори илми тиб, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Шералӣ Фозилович Раҷабалиев мебошад, ки ӯ дар се бахш: омӯзгори донишгоҳи тиббӣ, профессори клиникаи табобатхонаи ҷумҳуриявӣ ва ҳамчун ҷонишини сардори донишкадаи такмили ихтисоси назди Вазорати тандурустӣ хизмати босазо карда истодааст. Асарҳои ӯ натанҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки инчунин дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар Русия истифода карда мешаванд. Хусусан асари машҳури ӯ «Тадқиқоти тиббию генетикии бемориҳои ирсии мушакҳою асаби онҳо дар Тоҷикистон» (Душанбе, 2000) китоби болоимизии ҳар як духтуру, донишҷӯ буда, ба кори амалии табобатхонаҳо кӯмак мерасонад. Бо фаъолияти Ш.Ф. Раҷабалиев аз соли 1970 то соли 2002 зиёда аз 750 нафар шахсони гирифтори бемориҳои ирсии мушакҳо ва асабҳо мавриди омӯзиш ва тадқиқот қарор ёфтанд. Дар натиҷа дар ҷумҳурӣ 12 намуди ингуна бемориҳо ошкор гардидаанд. Тадқиқотҳои олим роҳҳои аз насл ба насл мерос гузаштан, паҳншавии бемориҳо дар байни занону мардон, ҳар як оила, мутаносибан фоизи онҳо дар байни 100 ҳазор аҳолӣ чӣ миқдорро ташкил медиҳад, муайян карданд.

Тадқиқотҳои молекулявию генетикӣ нишон доданд, ки кадо[м] аъзои оила дорои чӣ гуна ген бошад, онро ба насли оянда меро[с] хоҳад гузошт.

Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ ба камбудиҳои

соҳаи тандурустӣ хотима дода мешавад, саломатии шаҳрвандон хуб ва умри онҳо дароз гардида, баҳри рушду пешравии ҳаёти сиёсию, иқтисодию фарҳангии мамлакат саъю кӯшиш хоҳанд кард.

## САРЧАШМА ВА МАВОДИ ИЛОВА

## КОНСТИТУСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 1. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ. ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд ...

*Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С.8.*

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ (13 ноябри соли 1998)

## БОБИ 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

Моддаи 1. Ҳуқуқи шаҳрвандон барои муттаҳид шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ.

Ҳуқуқи шаҳрвандон барои муттаҳид шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ ба тариқи зайл ба амал бароварда мешавад:

таъсис кардани ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи эътиқоди худ;

ихтиёран дохил шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ бо шарти эътироф намудани оинномаҳои онҳо аз ҷониби дохилшавандагон;

иштирок кардан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи мақсадҳои муайянкардаи барномаҳои онҳо ва тибқи шаклҳои муқарраркардаи оинномаҳои онҳо;

озодона баромадан аз ҳизбҳои сиёсӣ.

*Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон. Маълумотнома. – С. 3.*

***САВОЛҲО ВА СУПОРИШ:***

*Чаро Конститутсияи нави Тоҷикистон қабул гардид?*

*Сохтори бисёрҳизбӣ кай дар Тоҷикистон ба амал омад?*

*Кадом шаклҳои моликият дар Тоҷикистони соҳибистиқлол вуҷуд доранд?*

*Мақоми кадом давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ дар татбиқиислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон бештар мебошад?*

*Рамзҳои давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлолро номбар кунед.*

***Мавзӯъҳо барои навиштани реферат:***

–Зарурият ва моҳияти ислоҳоти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

–Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

–Аз таърихи ташаккули сохтори бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

–Сиёсати дарҳои кушод.

–Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон.

–Муносибатҳои миллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

–Хусусиятҳои хоси ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон.

# БОБИ 9.
# ФАРҲАНГ ВА САТҲИ МАДАНИЯТИ УМУМӢ, СИЁСИИ ШАҲРВАНДОН

## 1. ФАРҲАНГ ВА МАҚОМИ ОН ДАР ҶУМҲУРӢ

**Фарҳанг ҳастии миллат**

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бе инкишофи фарҳанг давлат иқтисодиёти калон ба даст даровардa, сатҳи зиндагии мардумро низ баланд карда наметавонад.

Бо ташкилёбии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва сарфи назар аз мушкилиҳои давраи гузариш дар ҷумҳурӣ консепсияи давлатдорӣ оид ба рушди фарҳанг таҳия шудааст. Хусусан дар суханронии ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар назди зиёиёни мамлакат назария ва амалияи фарҳанг ба тариқи мушаххас муайян гардидааст.

«Дар шароити нави таърихӣ – қайд намуд Э.Ш. Раҳмонов, - муваффақият ба онҳое бештар муяссар мегардад, ки такя ба илму фарҳанг карда, арзишҳои маънавии худогоҳиву ватанпарвариро тақвият медиҳанд, дар замири ҳар узви ҷомеа дарки зарурияти пойдории амнияти миллӣ ва давлатиро ба вуҷуд меоранд.»

Ҳамин тариқ, моҳияти консепсияи фарҳанг иборат аз баланд бардоштани сатҳи ҳуввияти миллӣ ва ифтихори давлатдории сокинони ҷумҳурӣ, пос доштани муқаддасоти миллии халқи тоҷик мебошад.

Вазифаҳои глобалии муассисаҳои фарҳангию иттилоотии кишвар дар ибтидои қарни XXI иборат аз ба шаҳрвандонамон фаҳмонда додани роҳи стратегии фарҳанг, аз ҷумла таблиғу тарғиб ва дар ҳаёт татбиқ намудани супоришу фармонҳои Президенти мамлакат, ҳуҷҷатҳои Маҷлиси Олӣ, Ҳукумат оид ба пешрафти ҳаёти иқтисодӣ дар асоси прогресси илмӣ-техникӣ ва мунтазам баланд бардоштани сатҳи маънавиёти шаҳрвандонамон аст.

Бо ин мақсад сарфи назар аз мушкилиҳои иқтисодӣ-техникӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ мунтазам ҷашнҳои мӯҳташам, тадвину баргузории симпозиуму семинарҳо, фестивалу озмунҳо, мулоқот бо аҳли зиё, нашри китобҳои таърихӣ, намунаҳои беҳтарини назму насри ходимони адабиёт, ташкили намоиши асарҳои рассомони ҷумҳур дар кишварҳои хориҷ мебошад.

Ҷанги бародаркуш ва зиддияти ду қувва дар дохили мамлакат асосҳои ахлоқии шаҳрвандон, хусусан насли наврасро суст карда, авбошӣ, ғоратгарӣ, duздӣ, нашъамандӣ, фоишагарӣ, бекоргардиро афзун гардонид. Барқарор кардан ва инкишоф додани маориф, адабиёт, марказҳои фароғат, воситаҳои ахбор, санъат ва ғайра чун самтҳои асосии фарҳанг зарурияти ҷамъият гардиданд.

Дар фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов бахшида ба 1100-солагии Давлати Сомониён, 90-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Б.Ғ. Ғафуров, «Дар бораи соли тамаддуни ориёӣ» зарурат ва роҳҳои баланд бардоштани мавқеи фарҳанг ва савияи мадании шаҳрвандон баён ёфтааст. Дар ин бора афзудани маблағгузорӣ ва азнавсозии кори идораҳои фарҳангӣ шаҳодат медиҳад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (1997) вазифаҳои стратегӣ ва тактикии фарҳангро дар шароити соҳибистиқлолӣ равшан муайян кардааст. Дар моддаи якуми қонун омадааст: мақсади асосии қонуни мазкур иборат аст аз таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар фаъолияти фарҳангӣ, додани кафолати ҳуқуқӣ ба фаъолияти озоди фарҳангии иттиҳодияҳои шаҳрвандон, халқиятҳо ва дигар ҷамъиятҳои этникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муайян кардани принсипҳо, меъёрҳои ҳуқуқии муносибати субъектҳои фарҳангӣ ва сиёсати фарҳангии давлат мебошад.

## Ислоҳоти маориф

Дар Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар вохӯрӣ бо намояндагони ҷавонони мамлакат (21 майи соли 2005) махсус қайд карда шудааст, ки «Ҳукумат ба таҳкими низоми таҳсил дар кишвар ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Зеро маориф омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат аст. Аз ин рӯ, инкишофи соҳаи маориф ҳадафи стратегии сиёсати давлати Тоҷикистон мебошад. Самти асоситарини рушди маориф аз нигоҳ доштани фазои ягонаи таълим, таъмини ҳатмии ҳуқуқҳои конститусионии шаҳрвандон ба таҳсил ва ба ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ дастрас гардонидани таҳсилот иборат аст».

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 3910 мактаб буда, соли 2015-ум шумораи хонандагон ба 2 миллиону 350 ҳазор нафар мерасад. Дар донишкадаҳои олӣ бошад, қариб 120 ҳазор донишҷӯён ба омӯхтани ихтисос машғул мебошанд. Маҷлиси Олӣ 27 декабри соли 1993 Қонунро «Дар бораи маориф» ва соли 2003 Қонунро

«Дар бораи маълумоти олии касбӣ»-ро қабул намуд, ки дар онҳо роҳҳои гузаронидани ислоҳоти мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо нишон дода шудаанд.

Роҳҳои тадбиқи амалии ислоҳоти маориф хусусан дар «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (3 майи соли 2002) ба тариқи мушаххас баён ёфтаанд. Аз ҷумла, дар ҳуҷҷат омадааст, ки «Консепсияи миллии маълумот ҳуҷҷати муҳими давлатӣ буда, дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи маълумот муайян мекунад ва тамоюлоти инкишофи ин системаи аҳамияти стратегӣ доштаро дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба танзим медарорад. Ҷузъҳои таркибии мазмуну мундариҷаи ин ҳуҷҷат мақом, мақсад ва вазифаҳои маълумотро дар марҳалаи нави таърихӣ муқаррар менамояд.»

Дар Консепсия масъалаҳои дарки худшиносии таърихӣ, аз худ намудани муқаррароти суннатию башарӣ ва дар ҳамин замина ҳосил намудани фаросати олии ворисият ба ҳуввият ва анъанаҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ, идоракунии демократӣ, фаъолу пажӯҳанда будан барои ба даст овардани комёбиҳои илм, техника, фарҳанг ва ғайра тарҳрезӣ гардидааст.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ сохтори нави мактабу донишкадаҳо ба амал омадаанд. Сол аз сол шумораи литсейҳо, коллеҷҳо зиёд гардида, дар донишкадаҳои олӣ омӯзиши бисёрзинагӣ ба амал омад. Ба хатмкунандагон инчунин унвони бакалавр ва магистр дода мешавад.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мактаби ҳамагонӣ низ рӯ ба беҳбудӣ гузоштааст. Ҳукумат сол аз сол буҷети давлатиро оид ба мактаб зиёд карда, базаи моддӣ-техникӣ, аз ҷумла, ба компютерҳо таъмин намуданро пеш гирифтааст. Мактабҳо бо китобҳои нави дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ таъмин шуда истодаанд. Дар давоми солҳои 2000-2004-ум 292 муассисаи маориф бунёд, таъмир ва бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки бо омӯзгорони маълумоти олӣ таъмин кардани мактабҳои шаҳр ва ноҳия низ зери назари ҳукумат гирифта шудааст. Масалан, ҳар сол бо квотаи Президентӣ садҳо духтарони ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ ба мактбаҳои олӣ дохил шуда, сипас баъди хатм бо роҳхат дар ноҳияҳои худ кор мекунанд.

Вале дар роҳи ислоҳоти маориф камбудиҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Хусусан, аз мактаб берун мондани бачагон, суст шудани

базаи моддӣ-техникии маориф ва бо сабаби кам будани маош аз кор рафтани беҳтарин омӯзгорон, ташвишовар мебошад.

Мутаассифона, дар айни замон дониши мактаббачагон хеле суст мебошад. Чунин вазъият низ ба мактабҳои олӣ таъсир расонда, мутахассисони тайёршуда на ҳама вақт бо техникаи нав ва технологияи пешқадами қарни XXI кор карда метавонанд. Дар мактабҳои миёна инчунин омӯзгорони баландихтисос намерасанд ва фисади муаллимони камтаҷриба хело зиёданд. Бинобар он хуб мебуд, агар ба сохтор ва фаъолияти донишкадаи такмили ихтисоси муаллимон тағйирот дохил намуда, амалан сатҳи дониш ва маҳорати омӯзгорони ҷавон баланд бардошта шавад.

Маълум аст, ки як теъдоди муайяни хонандагон ба мактаб нарафта, вақти худро дар бозору, мағозаҳо ва ҳатто дар шустушӯи мошину корҳои ғайришоиста мегузаронанд. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки агар нақшаи ислоҳоти соҳаи маориф ҷомаи амал пӯшад, Тоҷикистон низ дар арсаи байналхалқӣ ба ҷумҳурии тараққикарда табдил ёфтанаш мумкин аст.

Қарни XXI дар микёси ҷаҳон асри прогресси техникӣ ва технологияи пешқадам буда, ҳалли амалии он пеш аз ҳама ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос алоқа дорад. Хусусан ҷумҳурии мо, ки соҳиби истиқлолият гардидааст, ҳоло рӯ ба тараққиёт ниҳода ба мутахассисони дорои маълумоти олии сифатан баланд тайёр карда шуда, мӯҳтоҷ мебошад. Хушбахтона, чунин мутахассисон ҳоло дар дохили ҷумҳурӣ тайёр карда мешаванд. Тавассути татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф дар тӯли 15 соли соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ 38 донишгоҳ ва донишкадаҳо ташкил дода шуда, ҳар сол ҳазорҳо ҷавонони лаёқатманд соҳиби касбҳои гуногун: омӯзгор, духтур, агроном, муҳандис ва ғайра мешаванд. Хусусан муносибатҳои бозорӣ талаб мекунанд, ки мо натанҳо ба миқдор, балки инчунин ба сифати мутахассисони ҷавон диққат дода, мунтазам савияи ихтисоси онҳоро баланд бардорем.

Сол аз сол буҷаи давлатии таъминоти соҳаи маориф зиёд шуда, соли 2006 вай 336 миллион сомониро ташкил дод. Таъминот бо китобҳои дарсию асбобу аёни таълимӣ низ ҳалли худро ёфта истодааст. Дар асоси Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои ҳамагонӣ барои солҳои 2003-2007-ум аллакай дар 600 мактаб синфҳои компютерӣ ташкил ёфта, дар онҳо 13 ҳазору 170 компютер гузошта шудаанд.

Дар мактабҳо олӣ низ роҳҳои ба хондан ҳавасманд намудани ҷавонон инкишоф ёфта истодаанд. Тибқи фармони Президенти Ҷумҳурӣ аз 26 феврали соли 1998-ум стипендияи президентӣ таъсис ёфта, ҳар сол садҳо донишҷӯён ба он ва дигар стипендияҳо ноил мегарданд. Хусусан туфайли таъсиси квотаи президентӣ аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳуриамон шумораи духтарон – донишҷӯён сол аз сол зиёд мегарданд. Вале ҷӣ дар мактабҳои ҳамагонӣ ва ҷӣ олӣ камбудиҳои ҷиддӣ ҳанӯз дида мешаванд. Масалан, дар фаъолияти мактабҳои олӣ миқдори такроран дар курс мондани донишҷӯён барҳам нахӯрда, фоизи баҳоҳои ғайриқаноатбахш кам нашуда, қисми хатмкунандагон ба ҷойҳои таъиншуда намераванд.

Барномаи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мо имрӯз хусусан ба тайёр намудани мутахассисони варзидаи соҳаҳои гидроэнергетика, саноат, сохтмон, нақлиёт, авиатсия ва алоқа эҳтиёҷи зиёд дорем. Аз ин лиҳоз таълими фанҳои дақиқро дар мактабҳои ҳамагонӣ ва олӣ хуб кардан лозим аст.

Оиди камбудиҳои дар соҳаи тайёр намудани мутахассисон Президенти Ҷумҳурӣ Э.Ш. Раҳмонов чунин қайд кардааст: «Вале ҳанӯз усули тарбия ва омадасозии мутахассисон, махсусан зиёиёни техникӣ ҷавобгӯи эҳтиёҷоти иқтисоди миллӣ намебошад. Дар шароити имрӯза ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо қабл аз ҳама ба табақаи зиёиёни пешрафтаи техникӣ ниёз дорад».

22 декабри соли 2005 масъалаи инкишофи минбаъдаи соҳаи маориф дар ҷаласаи навбатии ҷумҳуриявии кормандони ин соҳа ба тариқи мушаххас таҳлил ва баррасӣ гардид. Дар Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов барономаи рушди соҳаи маориф аз нигоҳи илмӣ-амалӣ пешниҳод гардид ва татбиқи онҳо омили муҳими таҳкими давлат ва наҷоти миллат хоҳанд гашт.

## Илм, адабиёт ва санъат

Дар асри навин бе пешрафти илм дар ҳаёти иқтисодию, фарҳангӣ ва иҷтимоии шаҳрвандонамон муваффақият ба даст даровардан ғайриимкон мебошад.

Вазифаҳои глобалии илми ҷумҳурӣ дар баромадҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳур Э.Ш. Раҳмонов дар назди зиёиёни мамлакат ва Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ равшан баён ёфтаанд. «Дар давраи истиқлолият – қайд кардааст Э.Ш. Раҳмонов –

проблемаҳои нав ба вуҷуд омадаанд, ки таҳқиқи конунмандии онҳо аз ҳар ҷиҳат зарур аст.

Проблемаҳои экологӣ, ирригатсия, заминшиносӣ, тарзу усулҳои нави таҳқиқоти илмӣ аз маркази диққат набояд берун монанд.

Кишвари мо кишвари дорои захираҳои бойи гидро-энергетикӣ мебошад. Ин соҳа низ диққати ҷиддӣ мехоҳад.

Илми соҳаи кишоварзӣ барои тараққиёти пахтакорӣ, чорводорӣ, растанипарварӣ, боғдорӣ тадкиқоти худро бояд вусъат диҳад. Дар ин кор бояд Академияи илмҳои кишоварзӣ саҳми бештар гирад...»

Ҳарчанд дар пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳо ва донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ зиёда аз 7 ҳазор кормандони илмӣ кор карда бошанд ҳам, вале бо сабабҳои иқтисодӣ аз кор рафтани як қисми олимон баъзе мавзӯҳо тадқиқ нашуда монданд. Сарфи назар аз мушкилиҳо олимони пажӯҳишгоҳи зилзиласанҷии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ва олимони Қазоқистон чанд тадқиқотро оид ба пешгӯии заминҷунбӣ бомуваффақият бурда истодаанд.

Дар даҳсолаҳои охир, хусусан, олимони донишкадаҳо оиди тадқиқоти илмии фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ комёбиҳо ба даст даровардаанд. Аз ҷумла, нашриётҳои гуногуни ҷумҳурӣ оид ба таърих, адабиёт ва фалсафаи халқи тоҷик, таърихи ноҳияҳо, фаъолияти ҳизбу созмонҳо китобҳои гуногунҳаҷм чоп карданд.

Ҳоло бахри инкишофи илм дар пажӯҳишгоҳҳои Академия ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ маблағҳои калон мегузоранд, ки барои таҷҳизонидани лабораторияҳо, ташкили экспедитсияҳо, тайёр ва нашри асарҳои илмӣ мусоидат мекунанд.

Дар ин ҷабҳа қадамҳои нек гузошта шуда истодааст. Солҳои охир барои пешрафти илм як қатор чорабиниҳо оид ба ҷалби ҷавонон бо ин кори муқаддас андешида шудаанд. Аз ҷумла, як гурӯҳ олимони ҷавон узви вобастаи Академияҳои ҷумҳурӣ интихоб шуда, барои беҳтарин тадқиқотҳо мукофоти ба номи Исмоили Сомонӣ ва дигар ҷоизаҳо муқаррар гардидаанд. Чунин иқдомҳои нек аллакай натиҷаҳои дилхоҳ дода истодааст. Олимони ҷумҳурӣ бо натиҷаи тадқиқотҳои худ дар конфересияю, симпозиумҳои байналхалқӣ баромад намуда, соҳиби мукофот ва дигар тӯҳфаҳои арзанда гардида истодаанд.

Дар баланд бардоштани маданияти шаҳрвандон адабиёт мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Сарфи назар аз дагргириҳои